Пардохти андозҳо - нишонаи
бофарҳангии ҷомеа

**№32 (1181)**

Панҷшанбе,
8 августи соли 2019

**www.** bojukhiroj.tj
**E-mail:** boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли
1998 чоп мешавад.

# Боҷу ХИРОҶ

МАКОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



**Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдат**

с. 2-3

# Андозбандии субъектҳои бизнеси бозӣ



Низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ чӣ гуна низом аст ва киҳо аз ин низом истифода мекунанд?

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

## Модули нави компютерӣ дар хизмати андозсупорандагон

2 августи соли 2019 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони васоити ахбори оммаи кишвар нишасти матбуотӣ баргузор гардид

с. 7

## Татбиқи имтиёзҳо ба объектҳои хоҷагидор

Имтиёзҳо барои субъектҳои хоҷагидори дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво фаъолияткунанда

с. 7

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

## Пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз

Ҳадафи санҷиш - пешгирии қонунвайронкунӣ, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андоз

с. 10

ҶАМЪБАСТ

## Хатлон: иҷрои нақшаи андозҳо

Нишондиҳандаҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон дар нимсолаи якум назаррасанд

с. 11



# Афзалиятҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ

Ҳолатҳои бақайдгирӣ ва андозбандии низомҳои умумӣ, махсус ва имтиёзнок чӣ гунаанд?

с. 12

# Корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашн

## Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30-и шаҳри Ваҳдат

**Ҳамдиёрони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳанӯз ду сол қабл дар шаҳри Ваҳдат ҷашни бистумин солгарди Ваҳдати миллӣ ботантана таҷлил гардида, ба ин муносибат чандин биноҳои нав, иншооту корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои таълимиву варзишгоҳи замонавӣ ва дигар иншооти иҷтимоӣ ба истифода супорида шудаанд.

Тавре ки мушоҳида мешавад, раванди ободонии ин шаҳри зебоманзар ва деҳоти он торафт вусъат гирифта истодааст.

Яъне бо мақсади рушди бемайлони соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва истиқболи сазовори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдат мисли дигар шаҳру ноҳияҳои ватани маҳбубамон, нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ босуръат амалӣ гардида истодааст, ки дар ду — се соли наздиктарин барои боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум мусоидат хоҳад кард.

Имрӯз дар шафати варзишгоҳи марказии шаҳр маросими ифтитоҳи Нишони давлатӣ баргузор шуд, ки боиси хеле зебо шудани маҷмааи зикршуда гардид ва бешубҳа, ба болоравии ҳисси ватандӯстиву ифтихори миллии сокинон мусоидат хоҳад кард.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба мардум бинои зебову замонавии Маркази адлия бо толори ақди никоҳ ва роҳи азнавсозишудаи мошингард то ҳудуди мактаби навбунёди деҳаи Меҳробод ифтитоҳ гардид.

Ҳамчунин, дар доираи сафари имрӯзаи мо боз чандин иншооти навбунёди дигар, яъне натиҷаи заҳмати содиқонаи соҳибкорон ва мардуми шаҳри Ваҳдат, аз ҷумла маркази дилхушии кӯдакону наврасон бо нуқтаҳои хизматрасониву савдо, ки дар он барои 500 нафар ҷойи корӣ муҳайё шудааст, ба истифода супорида мешаванд.

Муассисаи таълимии рақами 30, ки ҳоло мо ифтитоҳ кардем, аз ҷумлаи иқдомоти созандаи фарзандони диёр буда, барои 1280 нафар хонанда бо беҳтарин шароити таълиму тарбия аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ бунёд шудааст.

Ба муносибати мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани боз як муассисаи муҷаҳҳазу муосир ҳамаи шуморо самимона табрик гуфта, ба соҳибкори ҳимматбаланд Шамсулло Саъдуллоев барои чунин иқдоми ватандӯстона изҳори сипос менамоям.

Ҳоло бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ аз ҳисоби соҳибкорон ва худи аҳолӣ дар деҳаҳои Чорбоғ, Фариштӣ бунёди биноҳои нав идома дошта, вақтҳои наздик омода ва ба истифода супорида мешаванд.

Рӯзҳои наздиктарин дар маҳаллаи 14-уми шаҳр аз ҳисоби Ширкати “ТВЕА”-и Ҷумҳурии Мардумии Чин сохтмони боз як муассисаи таълимӣ бо 1200 ҷойи нишаст оғоз мегардад ва то оғози соли таҳсили оянда ба истифода дода мешавад.

Қобили зикр аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар шаҳри Ваҳдат 104 бинои муассисаи таълимӣ бо 20 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи умумии беш аз 75 миллион сомонӣ бунёд ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

Танҳо соли 2018 дар деҳаҳои гуногуни шаҳр, дар маҷмӯъ, 56 синфхонаҳои иловагӣ барои қариб 3000 нафар хонанда аз ҳисоби соҳибкорон ва аҳолӣ ба маблағи умумии 11 миллион сомонӣ сохта, ба истифода супорида шудаанд.

Тибқи маълумот то имрӯз дар шаҳри Ваҳдат аз 600 иншооти ба нақша гирифташуда 150 иншооту биноҳо мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Вобаста ба ин, роҳбарони шаҳр ва дигар сохтору мақомоти дахлдор вазифадоранд, ки ҳамкориро бо соҳибкорону шахсони саховатпеша ва аҳолӣ боз ҳам бештар тақвият бахшида, ҷиҳати сари вақт ва бо сифати баланд ба охир расониданни сохтмони иншооти боқимонда тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ тайи се соли охир дар шаҳри Ваҳдат беш аз 30 корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бунёд гардида, имрӯз шумораи умумии онҳо ба 67 расидааст.

Дар коргоҳу корхонаҳои навбунёд ва дигар иншооти шаҳр беш аз 13 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст, ки 8 ҳазори он ҷойи кори доимӣ мебошад.

Дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ афзоиш ёфта, танҳо дар нимсолаи аввали соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта чор баробар зиёд шудааст.

Зарур аст, ки чунин суръат минбаъд низ таъмин карда шавад. Чунки бо иқтидори пурра фаъолият намудани корхонаҳои мавҷуда ва бунёди корхонаҳои нав имкон медиҳад, ки шаҳри Ваҳдат ба яке аз минтақаҳои асосии саноативу аграрии кишвар табдил дода шавад. Илова бар ин, таъкид менамоям, ки дар шаҳр имконияту захираҳои истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд.

Бинобар ин, ба роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, соҳибкорон ва тавассути ҷалби ҳарчи бештари сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ ба фаъолият даровардани иқтидорҳои мавҷуда, таъсис додани корхонаву коргоҳҳои нави истеҳсолӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти тайёри саноатӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иҷрои Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳри Ваҳдат барои солҳои 2016-2020 дар сатҳи қаноатбахш қарор дорад.

Барномаи зикршуда, ки аз 193 лоиҳа ба маблағи умумии қариб 1,1 миллиард сомонӣ иборат аст, дар давоми се сол аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба андозаи 792 миллион сомонӣ корҳои бунёду барқарорсозӣ ба сомон расонида шудаанд, яъне беш аз 72 фоизи иҷрои нақшаи сесола таъмин гардидааст.

Соли 2018 дар шаҳри Ваҳдат ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 736 миллион сомонӣ ва дар нимсолаи аввали соли 2019 ба 186 миллион сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.

Дар инкишофи соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши даромади хоҷагиҳо бахши растанипарварӣ нақши муҳим дорад ва аз ин сабаб дар шаҳр ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли 2018 беш аз 409 миллион сомониро ташкил додааст.

Соли 2018 ҳаҷми маҳсулоти чорводорӣ беш аз 326 миллион сомониро ташкил додааст, ки дар муқоиса ба соли 2017 қариб 10 фоиз зиёд мебошад.

Дар робита ба ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдатро зарур аст, ки ҷиҳати бо маҳсулоти озуқаворecho босифат боз ҳам беҳтар таъмин кардани аҳолӣ ва дар ин замина афзоиш додани ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд. Зеро дар шаҳр барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ, боз ҳам афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ба содирот баровардани он имкониятҳои васеъ мавҷуданд.

Азхудкунии заминҳои бекорхобида ва бо роҳи таъмиру барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, истифодаи самараноки заминҳои мавҷуда ва бо оби полезӣ таъмин намудани зироатҳо аз ҷумлаи корҳои муҳимтарини роҳбарону мутахассисон дар ин самт мебошад.

Кишоварзони шаҳри Ваҳдат дар бахшҳои боғдориву сабзавоткорӣ таҷрибаи зиёд доранд. Лекин рушди ин бахшҳо ҳанӯз ҳам қонеъкунанда нест.

Иқлими мусоиди ин мавзеъ имконият медиҳад, ки майдони боғҳоро дар талу теппаҳо ва заминҳои лалмӣ зиёд намуда, парвариши навъҳои серҳосили дарахтон ба роҳ монда шавад ва талаботи бозори дохилӣ ба меваи тару тоза таъмин карда, содирот низ афзоиш пайдо намояд.

Бо истифода аз ширкати фаъолон ва намояндагони мардум, инчунин, соҳибкорони шаҳри Ваҳдат мехоҳам як масъалаи муҳимро хотирнишон намоям.

Ба истиқболи арзандаи ҷашни муборакку муқаддаси миллиамон – сисолагии истиқлолият дар қаламрави кишвар бунёду азнавсозии беш аз 22 ҳазор иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст. Ва ин шумора дар ду соли оянда шояд як — якуним баробар зиёд шавад.

Бояд гуфт, ки зиёда аз 80 фоизи онҳо бо ташаббус ва маблағгузории соҳибкорону тоҷирон ва аҳолии шаҳру ноҳияҳои мамлакат бунёд карда мешаванд. Дар шаҳри Ваҳдат низ соҳибкорони бонангу номус ва шахсони ҳимматбаланду саховатманд зиёданд.

Онҳо метавонанд бо ташкили коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, хусусан, доир ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, дар мавзеъҳои хушбоду ҳаво ва истифодаи ҳарчи бештари обҳои шифобахш бунёд намудани инфрасохтори сайёҳӣ ва ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ, рушди сайёҳии табобативу экологӣ, парвариши меваҳои содиротӣ, сабзавот ва моҳипарварӣ барои ҳамдиёрони худ ҷойҳои нави кор таъсис диҳанд, то ки онҳо камтар ба муҳоҷирати меҳнатӣ раванд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар шаҳри Ваҳдат соли 2017 чор корхонаи парандапарварӣ фаъолият дошта, 2,4 миллион дона тухм ва 472 тонна гӯшти паранда истеҳсол шуда буд.

Соли 2019 шумораи корхонаҳо ба 11 расида, дар нимсолаи якум истеҳсоли тухм ба 31 миллион дона ва гӯшти паранда ба 651 тонна расонида шудааст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2018 истеҳсоли тухм қариб 8 миллион дона ва гӯшти паранда 328 тонна зиёд шудааст.

Ин нишондиҳандаҳо, дар баробари ин, ки пешравии назаррас ва саҳми соҳибкорон дар ҳифзи амнияти озуқаворecho кишвар мебошанд, инчунин, роҳи беҳтарини таъсиси ҷойҳои корӣ барои сокинони маҳаллӣ ба ҳисоб мераванд. Вале ин дастовардҳо дар муқоиса бо имкониятҳои зиёде, ки шаҳри Ваҳдат дорад, ҳоло ҳам кофӣ нестанд.

Ҳукумати мамлакат воридоти тамоми намудҳои хуроки чорво, паранда ва моҳиро аз андоз ва боҷҳои гумрукӣ озод кард, то ки ин соҳаҳои афзалиятнок боз ҳам тараққӣ намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Авзои ҷаҳони муосир ба ҳамаи шумо маълум аст. Рақобатҳои шадиди геосиёсиву иқтисодӣ, мухолифатҳои мазҳабӣ ва кӯшишҳои кишварҳои абарқудрат барои таҳти назорат гирифтани минтақаҳои алоҳида аз ҳар як фарди ватандӯсту худогоҳ тақозо менамояд, ки ҷиҳати мустаҳкаму поянда нигоҳ доштани нишонаҳои асосии давлатдории миллӣ, яъне истиқлолу озодӣ, ваҳдату ягонагии миллат, якпорчагии давлат ва арзишҳои таърихиву фарҳангии халқи худ ҳамеша саъю талош варзад ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода бошад.

Мо, хусусан, бояд ба масъалаи таълиму тарбияи фарзандон эътибори ҷиддӣ диҳем ва онҳоро тавре ба камол расонем, ки боиси ифтихори падару модарони хеш гарданд, эҳтироми калонсолонро ба ҷо оранд, соҳибихтисос шаванд ва ба Ватани аҷдодии хеш содиқона хизмат намоянд.

Агар мо имрӯз, яъне дар марҳалаи коҳиш ёфтани арзишҳои ахлоқӣ ба масъалаи таълиму тарбия таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накунем, фардо дер мешавад ва чунин муносибат нисбат ба сарнавишти насли наврас дар оянда боиси мушкилоти ҳам оила ва ҳам ҷомеа мегардад.

Бинобар ин, падару модарони арҷманд, омӯзгорон, аҳли зиё ва умуман, бузургсолонро зарур аст, ки фарзандонро дар рӯҳияи шукргузорӣ аз давлатдории миллӣ, фазои орому осудаи кишвар ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ тарбия намоянд.

Ба фарзандони худ, яъне ҷавонону наврасон фаҳмонанд, ки пойбанди фарҳангу ғояҳои бегона нагарданд, ба созмону гурӯҳҳои ифротиву тундгаро пайваста, ҳаёти хешро зери хатар нагузоранд, оилаву наздиконашонро шармсор насозанд ва ба номи неки давлату миллат иснод наоранд.

Ба аҳли маориф, устодону омӯзгорон ва падару модарони муҳтарам муроҷиат карда, онҳоро бори дигар даъват менамоям, ки ба масъалаи баланд бардоштани сифати таълим, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар, эҳтироми падару модар ва калонсолон тарбия кардани фарзандон ҷиддӣ муносибат кунанд.

Бо истифода аз фурсати муносиб, таъкид кардани боз як масъалаи муҳимро лозим мешуморам.

Баъди чанд рӯз иди саиди Қурбон фаро мерасад, ки яке аз суннатҳои мубораки мардуми мусулмони мо мебошад.

Ин ид, тавре ки аз ном ва таърихи пайдоиши он бармеояд, суннати адои намози ид, инчунин, қурбонӣ кардану ба ҷо овардани фаризаҳои ҳаҷ танҳо барои онҳое, ки қудрату тавоноии моддӣ, яъне дасти дароз доранд ва соҳиби рӯзгори серу пур мебошанд, ба шумор меравад.

Ба ибораи дигар, фақат онҳое метавонанд ба ҳаҷ раванд ё қурбонӣ кунанд, ки дар зиндагии худ ҳеҷ мушкилӣ надоранд, аҳли хонадон ва фарзандонашон аз ҳар лиҳоз таъмин мебошанд.

Шахси қурбоникунанда гӯшти чорвои қурбоникардаашро барои оилаи худ, хешу табори камбизоат ва дигар шахсони муҳтоҷ сарф мекунад. Ин масъала дар ояти 36 сураи Ҳаҷҷи Қуръони маҷид таъкид шудааст.

Дигар ин, ки ба аёдати падару модар ва калонсолон, оилаҳои азодор ва зиёрати манзилгоҳи гузаштагон рафтану дуо кардан низ аз таомулҳои иди Қурбон шуморида мешаванд.

Лекин хароҷоти зиёд кардану дастурхони пурдабдаба оростан, яъне роҳ додан ба зиёдаравию исрофкорӣ ва ба тӯй табдил додани ин иди сирф динӣ бо суннату таомулҳои он ягон робита надорад ва ғайр аз намоишкорӣ чизи дигаре нест. Чунин расму одат ё таомул дар ягон кишвари исломӣ дида намешавад.

Баръакс, дар ин айём ва рӯзҳои дигар кумак кардан ба ятимону маъюбон, беморону ранҷурон, шахсони муҳтоҷу камбизоат ва анҷом додани ягон кору амали хайр ба манфиати омма савоби зиёд дорад.

Бовар дорам, ки сокинони шарафманду заҳматпешаи шаҳри Ваҳдат бо шукрона аз давлати соҳибистиқлол ва муҳити ороми кишварамон дар ҷодаи ба камол расонидани фарзандони ватандӯсту худшинос, соҳиби касбу ихтисосҳои муосир ва насли созандаву ободкор беш аз ҳар вақти дигар талош меварзанд.

Онҳо, ҳамчунин, минбаъд низ сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакатро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, барои пешрафту ободии ноҳия ва Тоҷикистони азизамон саҳми ватандӯстонаи худро мегузоранд.

Бори дигар ба хурду бузурги ноҳия дар иҷрои мақсаду мароми созанда ва амалӣ гардидани нияту нақшаҳои некашон бароору комёбӣ орзумандам.

**Ҳамеша саодатманду сарбаланд бошед, ҳамдиёрони азиз!**

Боҷу хироҷ №32 (1181)
Панҷшанбе, 8 августи соли 2019



# Ифтитоҳи иншооти ҷашнӣ дар шаҳри Ваҳдат

**2 августи соли 2019 дар доираи сафари корӣ дар шаҳри Вахдат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тантанаҳои ифтитоҳи як қатор иншооти ҷашнӣ иштирок намуданд.**

## Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Иншооти мазкур дар майдони 0,20 гектар бунёд ёфта, сохтмони он дар муҳлати кӯтоҳ бо сифати баланд ба анҷом расонида шуд. Нишони давлатӣ 24 метр буда, дар маҷмӯъ баландии иншоот бо сутунпояаш 28 метрро ташкил медиҳад.

Нишон аз рӯи лоиҳаи сохтмонии ЧСК «Меҳрофар» бунёд гардида, корҳои сохтмониро ҶДММ «Эхё-иншоот» ба анҷом расонидааст.

Майдони Нишони давлатиро гулу буттаҳои ороишиву мавсимӣ зебою назаррабо гардонида, инҷо ба мавзеи дилрабои шаҳри Ваҳдат табдил ёфтааст.

## Намоишгоҳи дастовардҳои ҳунарҳои мардумӣ

Дар намоишгоҳ намунаҳои ҳунарҳои миллӣ, аз ҷумла гулдӯзӣ, попурдӯзӣ, зардӯзӣ, ҷомаву тоқидӯзӣ, заргарӣ, сабадбофӣ, гаҳворасозӣ, маҳсулоти чӯбӣ: табақ, қошуқ, чархчӯб, даҳҳо номгӯи нонҳои миллӣ: самбӯса, фатир, кулча, фатирхамир, гирда, қалама, чаппотӣ, орзуқ, чагалдак ва таомҳои миллӣ: умоч, ширкаду, шакароб, қурутоб, шӯла, ширбиринҷ ба маърaз гузошта шуданд.

Намоишгоҳро дастовардҳои ҳунармандон ҷаззобу диққатҷалбкунанда гардонида, маҳсулоти пешниҳоднамуда бо маҳорати нотакрор ва ҳунари воло таҳия шуда буд.

Ҳунарҳои мардумӣ дар шаҳри Ваҳдат ба шуғли сердаромади сокинон табдил ёфта, тайи солҳои охир ба таври густурда рушд кардаанд.

## Маркази хизматрасонӣ ва дилхушии кӯдакону наврасон

Маркази хизматрасонӣ ва дилхушии кӯдакону наврасон дар маркази шаҳри Ваҳдат бо саҳми соҳибкори ватанӣ Акмал Раҳимов бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир сохта шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми шиносоӣ бо нуқтаҳои савдо ба соҳибкори маҳаллӣ ҷиҳати бунёди чунин маркази замонавӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ аҳсану офарин хонданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, бунёди чунин иншооти бисёрсоҳаро дар доираи эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҳамчун Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар арафаи ҷашни 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сокинон тухфаи арзанда унвон карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат таъкид доштанд, ки имрӯз саҳми соҳибкорони маҳаллӣ дар бунёди иншооти гуногун ва рванди корҳои ободонӣ назаррас мебошад.

Дар ин замина Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳибкорӣ ба соҳибкорон сабукиву имтиёзҳои фароҳ фароҳам сохтааст. Натиҷаи дастгирии давлатӣ буд, ки имрӯз соҳибкорони ватанӣ фаъолияти назаррас доранд.

## Маркази адлия

Иншооти мазкур бо дарназардошти санъати меъмории миллӣ ва сатҳу сифати баланд бунёд карда шудааст. Ба таъкиди масъулон, давоми ҷараёни корҳои сохтмонӣ зиёда аз 70 нафар кормандону сохтмончиёни маҳаллӣ дар ин иншоот бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин карда шуданд.

Зимни шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар ошёнаи якуми бинои мазкур 14 нафар корманди Бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва дар ошёнаи дуюм кормандони Идораи нотариалии шаҳр ва машваратчии ҳуқуқии ройгон фаъолият хоҳанд кард. Барои фаъолияти пурсамари кормандони ин идораҳои давлатӣ дар ошёнаи якуми бинои зебои Маркази адлия 9 ҳуҷраи корӣ ва толори ақди никоҳ, дар ошёнаи дуюм ҳуҷраи корӣ ва толори маҷлис барои 120 ҷойи нишаст бунёд карда шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид ба сатҳу сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба масъулон барои хизматрасонии хубу сариваҳтӣ дар самти бақайдгирии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шаҳри Ваҳдат дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

## Бинои истиқоматии 13-ошёна ва марказҳои хизматрасонӣ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Ваҳдат дар хиёбони Рӯдакӣ бинои баландошёнаи истиқоматиро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бинои муосири истиқоматӣ дар хиёбони рӯдакии шаҳри Ваҳдат аз 13 ошёна иборат буда, аз рӯи тарҳ дар қабати якум ва таҳхонаи он тарабхонаи барҳаво бо 150 ҷои нишаст, нуқтаҳои муосири фурӯши либоси мактабӣ, мардона ва кӯдакона, мебел, маводи конселярӣ ва рӯзгор, ошхона, мағозаҳои қаннодӣ ва хӯрокворӣ, дар маҷмӯъ 20 маркази хизматрасонию тиҷоратӣ ва як коргоҳи хурди дӯзандагӣ бо таъсиси 40 ҷои корӣ сохта шудааст, ки ҳамаи онҳо дорои шароити арзандаи корӣ ва хизматрасонӣ мебошанд.

Бо мавриди истифода қарор гирифтани нуқтаҳои зиёди хизматрасонӣ дар ошёнаи якум, бозори барҳаво бо таҳхона, анҷоми корҳои сохтмонии дигар биноҳои истиқоматию марказҳои хизматрасонӣ қариб 1 ҳазору 500 нафар бо ҷои корӣ доимӣ таъмин хоҳанд шуд.

Дар ҳаминҷо Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити мавҷуда марказҳои хизматрасонӣ ва коргоҳи дӯзандагӣ шинос шуда, бо занону духтарон суҳбати озоду самимӣ анҷом доданд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинои муосири истиқоматӣ ва марказҳои хизматрасониро ба сокинон табрику таҳният гуфта, дар ҳаминҷо ба 10 оилаи ниёзманд калиди хонаҳои истиқоматӣ супориданд. Ҳамаи манзилҳои истиқоматие, ки имрӯз дар вазъияти тантанавӣ аз ҷониби Пешвои миллат ба оилаҳои ниёзманд тухфа карда шуд, бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ ва лавозимоти рӯзгор таъмин мебошанд.

## Хоҷагии деҳқонии «Саховат»

Зимни шиносоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти аҳли заҳмати Хоҷагии деҳқонии «Саховат» иттилоъ дода шуд, ки дар кишти такрорӣ аҳли заҳмати ин хоҷагӣ дар майдони 4 гектар мош, 1 гектар карам ва 2 гектар ҷуворимакка барои дон кишт кардаанд.

Хоҷагии деҳқонии «Саховат»-и шаҳри Ваҳдат соли 2002 таъсис ёфта, дар маҷмӯъ дорои 57 гектар замин мебошад.

Аснои шиносоии Сарвари давлат бо ҷараёни нашъунамои зироати такрорӣ дар ин хоҷагӣ иттилоъ дода шуд, ки соли равон кишоварзон дар майдони 22 гектар гандум ва 6 гектар пиёз кишту парвариш карда буданд, ки 52- сентнерӣ ғалла ва 480-сентнерӣ пиёз ба даст овардаанд.

Сарвари давлат зимни боздид аз ин хоҷагӣ ба масъулон ҷиҳати боз ҳам афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва истифодаи пурсамари ҳар ваҷаб замин дастуру ҳидоятҳои судманд доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои боздид аз гӯшаи ниҳолпарварони шаҳр барои дар оянда низ истифода намудан аз таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар дар ин самт, таъмини сокинон бо ниҳолҳои мевадиҳандаю ҳамешасабз ва гулҳои ороишӣ дастуру маслиҳатҳои судманд доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон дар ин намоишгоҳ бо ҳунари волои занону бонувон, ки пухтани нонҳои лазиз машғул буданд, шинос шуда, ба ҳунари онҳо баҳои арзанда доданд.

## Роҳи деҳаи Меҳробод

Корҳои таъмирӣ дар ин масир бо маблағгузории соҳибкори маҳаллӣ Шамсулло Саъдуллоев ба сомон расонида шудаанд. Анҷоми корҳои сохтмониро Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Роҳи тоҷик» бар уҳда дошта, талаботи стандарти роҳсозӣ пурра ба инобат гирифта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои таъмирӣ баҳои баланд дода, барои анҷоми чунин кори савоб ва саҳм гузоштан дар ободии як гӯшаи диёр ба соҳибкори ватандӯст Шамсулло Саъдуллоев миннатдорӣ изҳор доштанд. Ҳамчунин, Сарвари давлат ҷиҳати минбаъд низ иҷро намудани чунин корҳои ободонию созандагӣ тавсияву маслиҳатҳои муфид доданд.

## Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30

Пешвои миллат бо шароити муассиса шинос шуда, бо хонандагону омӯзгорон аз наздик суҳбат намуданд.

Мактаб аз ду ошёна иборат буда, барои 1300 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст. Иншоот бо сифати баланд ва мутобиқ ба талаботи замони муосир сохта шуда, синфхонаҳо бо дастгоҳ ва таҷҳизоту аёнияти дарсӣ таъмин гардидаанд.



Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30 дар доираи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, аз ҷониби бародарон Саъдуллоевҳо, ки таҳсилдидаи ин даргоҳанд ва саҳми дигар соҳибкорони маҳҳалӣ бунёд ёфтааст. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30 дорои 27 синфхона буда, аз кабинетҳои химия, математика, физика, биология ва дигар ҳуҷраҳои дарсӣ иборат мебошад.

Сарвари давлат зимни шиносоӣ ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, барои чунин иқдоми хайрхоҳона ба соҳибкорони ватанӣ изҳори миннатдорӣ намуданд.

Пас аз шиносоӣ бо шароити таълимии муассисаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди омӯзгорон, хонандагон ва аҳли маорифи шаҳри Ваҳдат суханронӣ карда, ифтитоҳи муассисаи нави таълимиро ба онҳо таҳният гуфтанд.

## Маҷмааи сайёҳии «Арху»

Меҳмонхонаи навбунёд аз 5 ошёна иборат буда, дар мавзеи хушманзара ва канори дарёи пургӯёни «Арху» қомат афрохтааст. Дар ошёнаи якуми бино нишастгоҳ, ҷои қабули меҳмонон ва ошхона барои 500 нафар мавҷуд мебошад, ки дар он тамоми шароити замони муосир муҳайё гардидааст. 4 ошёнаи дигар барои истироҳати меҳмонон пешбинӣ шуда, ҳамаи ҳуҷраҳо бо рахти хоб, телевизор ва дигар шароити зарурӣ муҷаҳҳазанд.

Меҳмонхона имкон дорад, ки дар як вақт ба 70 нафар хизмат расонад. Дар дохили ҳуҷраҳои он ҳаммом бо буғи хушк ва тар, сауна ва таҷҳизоти варзишӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Аснои шиносоӣ бо шароити ин меҳмонхона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат барои дар деҳоти дурдаст муҳайё намудани чунин шароити истироҳату фароғат изҳори сипосу миннатдорӣ намуда, тасмими онҳоро намунаи ибрат хонданд.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки маҷмааи сайёҳии мазкур дар масофаи 70 километр дуртар дар қисми шимолу ғарбии шаҳри Ваҳдат қарор дорад ва масоҳати умумияш 23 гектарро дар бар гирифта, иншооти дар ҳудуди он сохташуда 1500 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Ҳангоми сохтмони ин маҷмааи сайёҳӣ 12 айвонча барои суҳбати истироҳаткунандагон ба инобат гирифта шудааст, ки ҳамаи онҳо аз ҷониби устоҳои бомаҳорати тоҷик бо нақшу нигори миллӣ ва кандакорӣ дар чӯб моҳирона сохта шудаанду ба кас ҳаловати дигар мебахшанд. Дар ин ҷо ба масофаи 300 метр ҷӯй ва пайраҳаҳо бо сангҳои табиии кӯҳҳои минтақаи Ромити шаҳри Ваҳдат оро ёфтаанд, ки диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб месозанд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо шароити маҷмааи навбунёд ба корҳои ободонӣ баҳои баланд дода, таъкид доштанд, ки идомаи чунин тадбирҳои созанда дар ҷалби ҳарчи бештари ҷаҳонгардон ба Тоҷикистон, беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

# Заҳмати софдилона барои пешрафту ободонии диёр

## Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолону сокинони ноҳияи Балҷувон

**Ҳамватанони азиз!**

**Намояндагони мардуми сарбаланди ноҳияи Балҷувон!**

Аз мулоқоти мо бо шумо – мардуми ватандӯсту ҳимматбаланди ноҳияи Балҷувон ду сол сипарӣ шуд. Ва имрӯз дида мешавад, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат ва заҳмати содиқонаи сокинони ноҳия, соҳибкорон ва ашхоси саховатпешаи ноҳияи нисбатан ҷавони Балҷувон хеле ободу зебо гардидааст. Пешрафти ноҳия ва беҳтар шудани шароити зиндагӣ аз чеҳраи ҳар яки шумо барьало мушоҳида мегардад.

Бинобар ин, ба тамоми сокинони ноҳия барои заҳмати софдилона дар пешрафту ободонии ин гӯшаи дурдасту хушманзараи кишварамон ва барои истиқболи самимии Роҳбари давлат изҳори сипос менамоям.

Ду сол пеш ҳангоми сафар ба ноҳия ҷиҳати таҷдиду барқарорсозии роҳҳои мошингарди Данғара – Кангурт – Балҷувон – Ховалинг ва Балҷувон — Сари Хосор ба Ҳукумати мамлакат супориш дода будам.

Бунёди роҳи мошингарди Данғара – Кангурт – Балҷувон – Ховалинг, ки маблағи умумии лоиҳаи таҷдиду барқарорсозии он беш аз 160 миллион сомониро ташкил медиҳад, дар як муддати кӯтоҳ ба анҷом расонида, имрӯз ба истифода супорида шуд. Роҳи зикршуда имконият медиҳад, ки мушкилоти сокинон ва интиқоли молу маҳсулот ба тамоми минтақаҳои кишвар бартараф гардад.

Ҳамзамон бо ин, сохтмони роҳи мошингарди Балҷувон — Сари Хосор ба масофаи 33 километр ва арзиши лоиҳавии 85 миллион сомонӣ мутобиқ ба меъёрҳои замонавии роҳсозӣ идома дошта, то имрӯз аз маблағи умумии зикршуда барои бунёди 22 километр роҳ 26 миллион сомонӣ сарф шудааст ва мӯҳлати ба истифода супоридани он тирамоҳи соли 2021 пешбинӣ гардидааст.

Роҳҳои зикршуда, бешубҳа, ба рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар, ноҳияҳои атрофи онҳо, аз ҷумла, ноҳияи Балҷувон ва деҳоти Сари Хосор, инчунин, пешрафти бахши сайёҳӣ мусоидат хоҳанд кард.

Дар баробари ин, хотирнишон бояд кард, ки роҳҳои дохилии ноҳия то ҳанӯз дар ҳолати ногувор қарор дошта, ба таъмиру таҷдид ниёз доранд.

Тайи як соли охир зиёда аз 40 километр роҳҳо азнавсозӣ ва таъмир карда шуда, дар назар аст, ки то ҷашни 30-солагии истиқлолият зиёда аз 320 километр роҳҳо таъмиру таҷдид карда мешаванд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Балҷувон вазифадор карда мешаванд, ки барои таъмиру таҷдиди роҳҳои дохилии ноҳия тадбирҳои саривақтӣ андешанд.

Соли 2017 зимни мулоқотамон бо шумо масъалаҳои вобаста ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва имкониятy захираҳои мавҷудаи ноҳияро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, роҳбарону масъулонро вазифадор карда будем, ки доир ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, аз ҷумла обу замин, инчунин, ҷиҳати бартараф намудани камбудиву мушкилоти ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҳукумати мамлакат аз ҷониби худ барои беҳсозии рӯзгори сокинони ноҳияи Балҷувон, бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ҳамаи чораҳои заруриро андешида, танҳо дар зарфи 12 соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ беш аз 280 миллион сомонӣ маблағ ҷудо кардааст.

Тибқи нақшаи корҳои ободонӣ ба муносибати 30–солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия бунёди 375 иншоот, аз ҷумла 8 муассисаи томактабӣ, 35 муассисаи таълимӣ, 22 муассисаи тиббӣ, 13 меҳмонхона, 35 маркази хизматрасониву савдо, 7 пул, 20 майдончаву толори варзиш, 7 иншооти фарҳангу фароғат, таъмиру барқарорсозии 326 километр роҳҳои дохилӣ ва кашидани хатти оби ошомиданӣ дар 15 деҳа пешбинӣ шудааст. То имрӯз 22 лоиҳа пурра амалӣ гардида, ҳоло корҳои сохтмон дар 150 иншоот идома доранд. Танҳо соли 2019 ба истифода додани 120 иншоот ва аз ин шумора то моҳи сентябри соли ҷорӣ, яъне то ҷашни истиқлолият 40 иншоот ба нақша гирифта шудааст.

Бояд гуфт, ки аз шумораи умумии лоиҳаҳои дар нақша пешбинигардида 80 фоиз аз ҳисоби соҳибкорон, шахсони саховатманд ва аҳолӣ, яъне бидуни ҷалби маблағҳои буҷетӣ анҷом дода мешавад.

Дар доираи сафари кории Роҳбари давлат ба истифода супоридани беш аз 25 иншооту биноҳо дар назар дошта шудааст ва мо имрӯз дар маросими ифтитоҳи чандин иншооти нав ширкат доштем.

Таҳлили вазъи соҳаҳои мухталифи ноҳияи Балҷувон нишон медиҳад, ки заҳматкашони ноҳия, хусусан, солҳои охир ба пешравиҳои назаррас ноил шудаанд. Вале таъкид бояд кард, ки дар ноҳия захираву имкониятҳои то ҳанӯз истифоданашуда хеле зиёданд. Яке аз мушкилоте, ки дар ноҳия ба назар мерасад, ҳоло ҳам зиёд будани шумораи бекорон мебошад.

Барои ҳалли ин масъала мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия метавонанд якҷо бо соҳибкорони маҳаллӣ тавассути бунёд намудани корхонаҳои хурду миёна, аз ҷумла инфрасохтори сайёҳӣ, доир кардани ашёи хоми маҳаллӣ, самаранок ва мақсаднок истифода намудани замин аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ ба бунёд ва ташкили ҷойҳои кори доимиву мавсимӣ муваффақ шаванд.

Хотиррасон менамоям, ки фаъолияти роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз рӯи натиҷаҳои ташкили ҷойҳои корӣ ва ҷалб намудани сармоягузории мустақим арзёбӣ мегардад.

Ман борҳо таъкид карда будам, ки ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафи чаҳоруми миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар роҳбарони тамоми шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла ноҳияи Балҷувон вазифадоранд, ки фаъолияти худро дар самти таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, истифодаи самараноки сарватҳои зеризаминӣ, рушди саноати сабук, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва косибӣ тақвият бахшида, ҳамкориро бо бахши хусусӣ ҳарчи бештар вусъат диҳанд.

Вобаста ба ин, вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об, Саридораи геология, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Балҷувон вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати анҷом додани корҳои омӯзиши геологиву иктишофӣ, ба тавозуни давлат гирифтан ва мавриди истифода қарор додани сарватҳои зеризаминии ноҳия, аз ҷумла сурбу руҳ дар мавзеъҳои Сурбиён ва Санги Сабз, нафт дар деҳаи Гулдара, зуҳуроти тиллои пошхӯрдаи деҳаи Муллоконӣ, зуҳуроти гилхоки қитъаҳои Ҷанубӣ ва Шимолии Гулдара, обҳои минералӣ ва табобатӣ чораҳо андешанд.

Мувофиқи маълумот ҳиссаи коркарди нафту газ дар маҷмӯи умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия назаррас буда, соли гузашта истеҳсоли нафт ба 1600 тонна ва аз аввали сол то имрӯз ба 800 тонна расонида шудааст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2018 зиёд мебошад.

Ҳамчунин, соли ҷорӣ дар корхонаҳои саноатии ноҳия ба маблағи 7,5 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 21 фоиз зиёд мебошад.

Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия асосан аз ҳисоби истеҳсоли нафт 37 фоиз таъмин шудааст. Имрӯз дар ноҳия як корхонаи замонавии дӯзандагӣ ба истифода дода шуд, ки аз ҳисоби соҳибкорон бунёд гардидааст.

Бо дарназардошти захираҳои мавҷуда, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, роҳбарони корхонаҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки барои бартараф намудани камбудиҳои дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ҷойдошта чораҳои саривақтӣ андешанд.

Илова бар ин, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бояд ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои муштараки коркарди ашёи хоми маҳаллӣ чорабиниҳои иловагӣ таҳия намоянд.

Истифодаи самараноки имкониятҳои фаровон, бахусус, дар самти рушди сайёҳӣ, захираҳои табиӣ ва коркарди онҳо, гиёҳу чашмаҳои шифобахш ва маконҳои таърихиву фарҳангӣ яке аз роҳҳои муассири таъмин намудани пешрафти иқтисодиёти ноҳия ва ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ мебошад.

Аммо хотирнишон менамоям, ки имкониятҳои зикршуда дар ноҳияи Балҷувон нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар самаранок истифода намешаванд.

Яке аз омилҳои дигари дар сатҳи зарурӣ рушд накардани сайёҳӣ дар ноҳия ба эътибор нагирифтани талаботи соҳа дар вақти таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ мебошад. Зеро аксари мавзеъҳо барои бунёди иншооти сайёҳӣ мувофиқ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста карда шудаанд ва чунин вазъ ҳангоми ба соҳибкорон ё ширкатҳои сайёҳӣ ҷудо кардани қитъаҳои замин монеа эҷод мекунад.

Ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти зикршуда Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, кумитаҳои рушди сайёҳӣ ва рушди маҳал, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувонро зарур аст, ки барои муайян намудани мавзеъҳои сайёҳӣ, дастгирии соҳибкорон барои бунёди иншооти сайёҳӣ дар мавзеъҳои таърихиву фарҳангии ноҳия, ташкили хатсайрҳо, густариши ҳамкорӣ бо ширкатҳои рушди сайёҳӣ ва сармоягузорону соҳибкорон тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Бо вуҷуди он, ки Балҷувон ноҳияи нисбатан навбунёд ба ҳисоб меравад, вале таърихи қадима ва бой дорад ва моро зарур аст, ки ёдгориҳои таърихиро барои насли оянда, аз ҷумла сайёҳон обод кунем ва истифодаи самараноки онҳоро ба роҳ монем.

Вобаста ба ин ёдовар мешавам, ки яке аз ёдгориҳои ҷолиби таърихии ноҳия Қалъаи Мири Балҷувон ба ҳисоб меравад, ки дарвозаи он соли 2017 аз нав таъмир карда шуд. Дар баробари ин, асбобу ашёи гуногуни қадимае мавҷуданд, ки бояд дар осорхонаи замонавӣ нигоҳ дошта шаванд.

Азнавсозии Қалъаи Мири Балҷувон ва сохтмони осорхона дар доираи нақшаи чорабиниҳои ноҳия бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ оғоз гардидааст.

Бинобар ин, Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳия вазифадор карда мешаванд, ки бо ҷалби соҳибкорон то ҷашни 30-солагии истиқлолият ҷиҳати пурра ба анҷом расонидани азнавсозии қисматҳои боқимондаи Қалъаи Мири Балҷувон ва бунёди осорхона чораҳои иловагӣ андешанд.

**Дӯстони азиз!**

Ноҳияи Балҷувон имконият дорад, ки дар ҳамкорӣ бо сохторҳои марбута ва соҳибкорони маҳаллӣ тавассути насби пойгоҳҳои обкашӣ зиёда аз 1000 гектар заминҳои навро дар мавзеъҳои Сӯфиамон, Сафедчашма ва Чорчашма аз худ намоя. Чунин иқдом ба рушди иқтисодиёти ноҳия, таъсиси ҷойҳои корӣ нав ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари аз худ намудани заминҳои нав ба гардиши кишоварзӣ баргардонидани заминҳои боир низ вазифаи роҳбарону мутахассисони ноҳия ва дигар вазорату идораҳо мебошад.

Қобили зикр аст, ки солҳои охир дар ноҳияи Балҷувон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мунтазам афзоиш ёфта, соли 2018 кишоварзон ба маблағи 210 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба соли 2017-ум ҳамагӣ 6 миллион сомонӣ зиёд мебошад, вале ин нишондиҳанда бо дарназардошти табиат ва шароити иқлими ноҳия нокифоя ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, тибқи таҳлилҳо сокинони ноҳия аз ҳисоби мева, гиёҳҳои шифобахш, чорводорӣ ва занбӯриасалпарварӣ даромади хуб гирифта истодаанд.

Дар ин раванд, зарур аст, ки ба масъалаи захираву нигоҳдорӣ, ҳамлу нақли маҳсулот ва нигоҳубини боғҳо эътибори ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Зеро талаботи бозори дохиливу хориҷӣ ба маҳсулоти хушсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, хусусан, меваҷоти ноҳия зиёд мебошад.

Ноҳияи Балҷувон барои тараққӣ додани соҳаи чорводорӣ низ шароити хуби табиӣ дорад ва тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, саршумори чорво ва истеҳсоли маҳсулоти он пайваста тамоюли болоравӣ дошта бошад ҳам, парвариши чорвои хушзот ҳоло ҳам ба талабот ҷавобгӯ намебошад.

Инчунин, набудани коргоҳҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла гӯшту шир ва анбору яхдонҳои нигоҳдории маҳсулот аз ҷумлаи мушкилоти чорводорони ноҳия мебошад.

Ҳамзамон бо ин, зикр бояд кард, ки масоҳати заминҳои корами ноҳия қариб 4500 гектарро ташкил медиҳад, аммо на ҳамаи қитъаҳои замин, алалхусус, аз ҷониби хоҷагии ҷангал самаранок ва мақсаднок истифода карда мешаванд.

Ҳалли масъалаи зикршуда барои таъсис додани садҳо ҷойи нави корӣ ва баланд бардоштани даромади хоҷагиҳо заминаи устувор мегузорад.

Бинобар ин, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо мақсади таъмини истифодаи самаранок, оқилона ва мақсадноки заминҳои вобасташуда ва муайян кардани намуди заминҳои таҳти истифода қарордошта тибқи тартиби муқарраршуда ҳисоботи ҷории заминро гузаронанд ва ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо чораҷӯӣ намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо дастгирии Ҳукумати кишвар соҳаи маорифи ноҳияи Балҷувон мунтасил рушд карда, маблағгузории он аз 9 миллион сомонии соли 2014 ба беш аз 17 миллион сомонӣ дар соли 2019 расидааст, ки хеле назаррас мебошад.

Дар давоми солҳои истиқлолият дар ноҳияи Балҷувон 34 бинои нави муассисаҳои таълимӣ бо 4400 ҷойи нишаст ва бинои шуъбаи маорифи ноҳия сохта, ба истифода дода шудааст.

Соли ҷорӣ сохтмони 7 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 2600 ҷойи нишаст ба маблағи зиёда аз 14 миллион сомонӣ идома дошта, бунёди онҳо то охири соли равон анҷом дода мешавад. Инчунин, 2 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ пурра таъмир карда шуда, имрӯзҳо ба истифода дода мешаванд.

Бояд гуфт, ки сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда соҳаи маориф дар ноҳия нисбат ба дигар соҳаҳо мушкилоти бештар дорад. Мутобиқи маълумот ҳолати бисёр муассисаҳои таълимӣ ба талабот ҷавобгӯ нест.

Бунёди муассисаҳои таълимии аз ҷониби Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна сохташаванда бо сабаби таъхир афтодани имзои созишномаи сармоягузорӣ то ҳанӯз оғоз нагардидааст.

Ҳукумати кишвар, ҳамчунин, ҷиҳати таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои баландихтисос тадбирҳои пайваста меандешад.

Бо туфайли чунин ғамхориҳо давоми солҳои 1997-2018-ум 311 нафар хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия тариқи квотаи Президентӣ дар муассисаҳои олии касбии дохил ва хориҷи кишвар таҳсил намуда, ҳоло аксарияти онҳо дар бахшҳои мухталифи ноҳия фаъолона заҳмат кашида истодаанд.

Соли ҷорӣ тибқи квотаи Президентӣ 19 нафар хатмкунандаи ноҳия таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар идома медиҳанд.

Ҳоло дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ва Донишгоҳи тиббии Хатлон 64 нафар ҷавонони ноҳия таҳсил доранд, ки аз ин шумора 42 нафарашон тибқи квотаи Президентӣ мебошанд.

Бо вуҷуди ин, дар ноҳияи Балҷувон норасоии кадрҳои баландихтисоси маорифу тандурустӣ ва соҳаи хизматрасонӣ ба мушоҳида мерасад ва аз ин лиҳоз, роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллӣ бояд барои ҷалби бештари хатмкунандагони муассисаҳои олии кишвар барои дастгириву бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо тадбирҳои судмандро амалӣ созанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Вазъи ноороми ҷаҳони муосир шаҳрвандони кишварро вазифадор месозад, ки ба хотири таъмини субботу оромӣ ва ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон ҳамеша муттаҳиду сарҷамъ бошанд ва бо заҳмати софдилона кишвари худро боз ҳам нерӯманд гардонида, насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ ва ҳисси ифтихори миллӣ тарбия намоянд.

Зеро халқи таҳаммулгарову сулҳдӯсти тоҷик бо такя ба хиради аҷдодиву фарҳанги тамаддунсози худ дар зарфи бисту ҳашт сол бо гузоштани қадамҳои бозътимод тавонист, ки сохтори конститутсионии давлати худро ҳифз намояд, арконии давлати навини ҳуқуқбунёди миллии хешро бунёд созад ва таҳким бахшад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки мо бояд ба истиқлолияту озодӣ ва арзишҳои маънавии худ арҷ гузорем ва барои ҳифзу пойдории онҳо саъю талош варзем.

Итминони комил дорам, ки мардуми меҳмоннавозу ҳимматбаланди ноҳияи Балҷувон минбаъд низ барои ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ ва ба як кишвари пешрафта табдил додани Ватани азизамон саъю талоши худро дареғ намедоранд.

Дар фарҷом, ҳамаи шумо — ҳозирини арҷманд ва тамоми сокинони ноҳияи Балҷувонро ба муносибати 28-солагии ҷашни муқаддасу мубораки миллиамон — Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик гуфта, ба хурду бузурги мардуми ноҳия тансиҳативу хонаи обод ва баракати рӯзгор орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

# Сафари кории Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Балҷувон

**6 августи соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо ҷараёни корҳои бунёдкорию созандагӣ, ифтитоҳи як қатор иншооти таъиноти гуногун, оғози корҳои сохтмонӣ дар иншооти дигар ва мулоқот бо сокинону фаъолон ба ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон ташриф оварда, дар ифтитоҳи як қатор иншооти ҷашнӣ иштирок намуданд.**

## Хати оби нӯшокии деҳаи Калтачанор



Оби нӯшокӣ дар ин мавзеъ тариқи кандани чоҳи амудӣ аз чуқурии 60 метр ба воситаи насосҳои махсуси обкашӣ бароварда шуд ва аз он 4 ҳазор нафар аҳолии деҳаҳои Охболоқи 1, Охболоқи 2 ва деҳаи Солмолидашти ноҳияи Балҷувон истифода хоҳанд кард.

Дар қитъаи обтаъминкунӣ барои таъмини сариваҳтии оби ошомиданӣ ба аҳолӣ насосҳои пуриқуввату баландсифати обкашӣ ва дигар таҷҳизоти зарурӣ дастрас гардида насб карда шуд ва тариқи он об ба ду ҳавзи захиравӣ тақсим мегардад.

Дар партави дастгирӣ ва ташаббусҳои наҷибу созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини аҳолии деҳот бо оби тозаи ошомиданӣ ба пешгирӣ аз паҳншавии ҳар гуна бемориҳои сироятӣ мушкилоти мавҷудаи сокинони Охболоқи 1, Охболоқи 2 ва деҳаи Солмолидашт бартараф карда шуд ва акнун сокинон аз оби аз ҷиҳати экологӣ тоза истифода мебаранд.

Татбиқи Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва дигар ташаббусҳои шоистаи сатҳи ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи обу иқлим ҳамеша аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пуштибонӣ меёбад.

## Коргоҳи коркарди сангҳои маҳаллии ҶДММ «Элегант-Балҷувон»

Корҳои сохтмонӣ дар коргоҳ моҳи ноябри соли 2018 оғоз шуда, он имрӯз сохта мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Элегант-Балҷувон» бо технологияи муосир муҷаҳҳаз гардонда шуда, бо истифода аз он сангҳои маҳаллӣ коркард мешаванд. Дар коргоҳи «Элегант-Балҷувон» коркарди сангҳои табиии маҳаллӣ аз ҷумла, санги хоро, мармар ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз фаъолияти коргоҳ таъкид доштанд, ки дар ин ноҳияи баландкӯҳи мамлакат бунёди чунин иншоот ба коркарди пурраи сангҳои маҳаллӣ сариваҳтӣ буда, он боиси бо ҷойи кор таъмин кардани сокинон ва дастрасӣ пайдо кардани аҳолӣ бо сангҳои ороишии истеҳсоли ватанӣ мегардад.

Айни замон бо ба фаъолият оғоз кардани коргоҳи коркарди сангҳои маҳаллии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Элегант-Балҷувон» 20 нафар сокинони маҳаллӣ ба ҷойи кор таъмин карда шуданд.

Тибқи маълумот иқтидори коркарди сангҳои ороишӣ дар коргоҳи «Элегант-Балҷувон» дар марҳалаи аввал 12 ҳазор метри мураббаъ буда, дар оянда доираи фаъолияти он васеъ карда, то ба 40 ҳазор метри мураббаъ расонида хоҳад шуд. Роҳбарияти коргоҳ нақша доранд, ки дар оянда дар ин ҷо коргоҳи хурди саноатӣ-аграрӣ бунёд намуда, чанд нафар сокинони маҳаллиро бо ҷойи кор таъмин созанд.

## Гулгашти муосир

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳия гулгашти муосирро, ки бо тарҳ ва дизайни баланди меъморӣ бунёд гардидааст, мавриди истифода қарор доданд.

Макони истироҳатӣ дар доираи таҷлили сазовори ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардида, он дар масоҳати умумии 80 садяк доман густурдааст.

Зимни боздид аз корҳои ободонию сабзазоркунӣ дар гулгашти марказии ноҳия Пешвои миллат ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд доданд. Қобили зикр аст, ки то истиқболи ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ дар марказ ва деҳоти ноҳияи Балҷувон боз бунёди чунин гулгашту майдонҳои истироҳатӣ дар назар дошта шудааст.

## Роҳи автомобилгарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг



Бояд таъкид намуд, ки роҳи автомобилгарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг валангор шуда буд ва ронандагону мусофирон ҳангоми рафтуомад ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешуданд. Роҳи мазкур бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон навсозӣ гардида, имрӯз бо сифати баланд ва ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ сохта ба истифода дода шуд.

Тибқи иттилоъ роҳи автомобилгарди Кангурт-Балҷувон Ховалинг қариб 43 километрро ташкил дода, паҳноии он 7 метр мебошад. Роҳи автомобилгард имрӯз пурра асфалтпӯш карда шуда, бо саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои Гранти Бонки Осиёии Рушд сохта шудааст.

Ронандагон таъкид медоранд, ки аз сабаби валангор ва таъмирталаб шудани роҳ рафтуомади нақлиёт дар фасли зимистон дар бисёр маврид қатъ мегардид. Пудратчии роҳи автомобилгарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг Ширкати Чайнароуди Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошад. Тибқи лоиҳа дар масофаи 43 километри роҳ 6 пул бо дарозии 455 метр, 5 истгоҳ ва дигар инфрасохтори зарурӣ бунёд шуда, роҳ ба категорияи чоруми роҳсозӣ мутобиқ карда шудааст.

Ду купрук бо дарозии 339 метр аз нав сохта шуда, 4 тои дигар бо дарозии 114 метр таъмир карда шуданд. Корҳои сохтмонӣ дар роҳи автомобилгарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг моҳи июли соли 2018 оғоз гардида, пеш аз мӯҳлат бо сатҳу сифати баланд сохта ба истифода дода шуд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар давраи татбиқи лоиҳа зиёда аз 100 адад техникаи роҳсозӣ ба кор ҷалб гардида, 365 нафар ба кор таъмин карда шуданд. Аз ин шумора 315 нафари онҳоро коргарону мутахассисони маҳаллӣ ташкил доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми боздид аз роҳи автомобилгарди Кангурт-Балҷувон-Ховалинг барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва бо сифати баланд асфалтпӯш кардани роҳ баҳои баланд доданд. Сохта ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардондани роҳи автомобилгард туҳфаи арзандаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои сокинони ноҳияҳои Балҷувону Ховалинг дар арафаи ҷашни 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

## Бинои маъмурии бахши Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва бахши Хадамоти муҳоҷират

Бинои мазкур дар доираи таҷлили ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ бунёд шуда, он аз ду ошёна ва таҳхона иборат мебошад. Шакл ва намои берунаи бино бо истифода аз усулҳои баланди меъморӣ оро ёфта, ба симои ноҳия зебоии дигар зам менамояд. Бинои бахши Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар масоҳати 513 метри мураббаъ доман паҳн карда, дар он ҳамчунин сохторҳои таркибии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, аз ҷумла филиали Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» ва бахши Хадамоти муҳоҷирати ноҳия ҷойгир мебошанд.

Аснои шиносоӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сифати корҳои анҷомёфта изҳори қаноатмандӣ намуда, масъулинро барои хизмати софдилонаю содиқона бар нафъи давлату миллат хидоят намуданд. Қобили зикр аст, ки дар арафаи таҷлили ҷашни Истиқлолияти давлатӣ мавриди истифода қарор гирифтани иншооти мазкур далели ғамхориҳои пайвастаи давлату Ҳукумати мамлакат нисбат ба рушду такомули соҳаи хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ мебошад.

## Коргоҳи дӯзандагӣ

Қоргоҳи мазкур аз ду ошёна ва ҳуҷраҳои корӣ иборат аст. Дар ин ҷо занону бонувони чирадасти ноҳия, ки маҳорати хуби дӯзандагӣ доранд, дар баробари оне, ки ба кор ҷалб гардидаанд, ҳамчунин барои омӯзонидани ҷавондухтарон низ фаро гирифта шудаанд. Қабати якуми бино аз кошонаи ҳусн, нуқтаи фурӯши либосҳои омодашудаи коргоҳ, машваратгоҳ иборат буда, дар ошёнаи дуюм толори дӯзандагӣ бо насби 20 мошинаи дарздӯзӣ, ҳуҷраи маъмурият ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ин коргоҳи дӯзандагӣ дар ноҳияи Балҷувон ягона сех аст, ки барои дӯхти либосҳои мактабӣ ва мувофиқ ба талаботи фармоишгар маҳсулот омода месозад.

Акнун баъди ба истифода додани маркази хизматрасонии «Гулдастон» қариб 30 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд. Бо дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар ин ҷо оянда сехи дӯзандагӣ васеъ гардида, шумораи коргарон зиёд карда хоҳад шуд.

## Бинои боғчаи кӯдакон

Муассисаи томактабӣ барои 100 кӯдак пешбинӣ гардида, он аз ду ошёна иборат мебошад. Ошёнаи якуми бино аз ҳуҷраҳои машғулиятгузаронӣ, хобгоҳ, бунгоҳи тиббӣ иборат буда, қабати дуюм аз синфхонаҳо, ҳуҷраи роҳбарият, машваратгоҳ, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон иборат аст. Корҳои сохтмонии бинои кӯдакистон моҳи марти соли ҷорӣ оғоз гардида, он дар муддати кӯтоҳ ва бо сифати баланд ба истифода дода шуд. Масоҳати умумии бино 535 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Акнун баъди мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани иншооти мазкур мушкилоти фарогирии кӯдакон дар ноҳия бартараф шуда, имконияти барои қабули онҳо бештар гардид. Зеро агар то ба ин дам дар кӯдакистон ҳамагӣ 2 гурӯҳ фаъолият дошт, акнун баъд аз истифодаи бинои нав 6 гурӯҳ ба таълим фаро гирифта хоҳанд шуд. Яъне ин маънои онро дорад, ки дастури Пешвои миллат ҷиҳати фарогирии кӯдакон то 30 фоиз ба муассисаҳои томактабӣ дар сесолаи баъдӣ босуръат амалӣ гардида истодааст.

Зимни боздид аз кӯдакистон Пешвои миллат аз иҷрои корҳои анҷомёфта ва дар муддати кӯтоҳ ба истифода супоридани он изҳори сипос намуда, ба мураббиёну маорифчиёни ноҳия дастуру супоришҳои муфид доданд.

## Бинои хобгоҳ дар назди Мактаб-интернати №1



Бинои хобгоҳи тозабунёд 4-ошёна буда, дорои 36 ҳуҷра ва 450 кати хоб мебошад, ки ҳамаи ҳуҷраҳои он дорои шароити заруриянд.

Хонандагону омӯзгорони ин боргоҳи илму маърифат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар саҳни ҳавлии хобгоҳи тозабунёд бо самимияти беандоза ва рӯҳияи идона истиқбол карданд.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки бинои нави хобгоҳ дорои ҳуҷраҳои хоб, ҳуҷраи роҳбарият, ҳуҷраи дарстайёркунӣ, посбонхона, ҳуҷраи тиббӣ, ошхона, ҳуҷраи дарзмолкунӣ ва толори тамошои телевизор мебошад. Инчунин дар назди бинои хобгоҳ ду айвонча барои суҳбати толибилмон ба тарзи зебо бунёд шудааст, ки бошандагон метавонанд аз он истифода намоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбати самимӣ бо хонандагони ин боргоҳи илму маърифат онҳоро барои таҳсил бо баҳои хубу аъло, омӯхтани илмҳои замони муосир, аз бар намудани забонҳои хориҷӣ ва дар оянда ба нафъи давлату миллат софдилонаю содиқона хидмат кардан ҳидоят намуданд.

## Толори варзишӣ

Корҳои бунёдӣ дар ин иншооти варзишӣ моҳи июни соли 2017 оғоз гардида, дар муҳлати беш аз 2 сол бо ҷалби қариб 50 нафар сохтмончиёни маҳаллӣ мутобиқи талаботи замони имрӯза ба итмом расиданд. Иншоот аз 2 ошёна иборат буда, дорои толори машқ бо масоҳати 690 метри мураббаъ, ҳуҷраҳои корӣ, ҷойи либосивазкунӣ ва дигар шароити тамрин мебошад. Лоиҳаи бино аз ҷониби ҶДММ «Неъматулло» бо тарҳи нав таҳия гардидааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумот дода шуд, ки солҳои қаблӣ, новобаста аз мавҷуд набудани шароити хуби тамрин варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои гуногун фаъолона ширкат варзида, шарафи Тоҷикистонро дар сатҳи байналмилалӣ боло мебардоштанд. Айни замон шумораи варзишгарони ноҳияи Балҷувон 170 нафарро ташкил медиҳад ва қисме аз онҳо дар мусобиқаҳои сатҳи ноҳиявию вилоятӣ, ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, соҳиби медал ва ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд.

# Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ховалинг

**Рӯзи 7 август Сарвари давлат бо сафари корӣ ба ноҳияи Ховалинг ташриф оварданд. Дар доираи сафари кориашон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншооти ҷашниро ифтитоҳ намуданд.**

## Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 4

Муассисаи мазкур дар доираи иқдомҳои созанда ва пуштибонӣ аз сиёсати бунёдкоронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни умумимиллӣ – 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба талаботи замони муосир бунёд карда шудааст.

Аснои шиносоии Сарвари  давлат бо шароити ин даргоҳи илму маърифат иттилоъ дода шуд, ки муассисаи таълимӣ аз 13 синфхона иборат буда, барои 920 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хонандагони ин даргоҳи илму маърифат суҳбати озоду самимӣ анҷом дода, иброз доштанд, ки роҳбарияти олии давлату Ҳукумати мамлакат дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ баҳри фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ барои насли ояндасози миллат тадбирҳои муассир амалӣ намуда, дар ин самт натиҷаҳои назаррас ба даст овардааст.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 4-и деҳаи Лоҳутӣ аз ду ошёна иборат буда, дар баробари синфхонаҳои компютерӣ, химия, биология ва физика ҳамчунин дорои толори барҳавои варзишӣ бо муосиртарин лавозимоти машқ ва обу тоби бадан барои хонандагон, толор бо 200 ҷойи нишаст барои баргузории чорабиниҳои гуногуни мактабӣ, маҳфилҳои фарҳангӣ ва дигар ҷамъомадҳо ва ошхона бо 60 ҷойи нишаст мебошад.

Устодону хонандагони ин муассисаи навбунёд аз ғамхориҳои беназири Сарвари маорифпарвари мамлакат изҳори миннатдорӣ намуда, иброз доштанд, ки бо фароҳам гардидани шароити муосир дар таълиму тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ саҳми бештар хоҳанд гузошт.

## Беморхонаи минтақавии №2-и деҳоти Лоҳутӣ

Иншооти мазкур аз ду ошёна ва таҳхона иборат буда, корҳои сохтмонӣ дар он бо маблағи 1,2 миллион сомонӣ аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ ба анҷом расонида шудаанд.

Дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ беш аз 20 нафар мутахассисон ва коргарон аз ҳисоби ҷавонони маҳаллаҳои аҳолинишини деҳоти Лоҳутӣ ҷалб гардида, бо маоши хуб таъмин буданд.

Тавре иттилоъ дода шуд, дар таҳхонаи бинои Беморхонаи минтақавии №2-и деҳоти Лоҳутӣ таҳлилгоҳ, ҳуҷраи физиотерапевтӣ ва ҳуҷраи дандонпизишк ҷойгир шудаанд. Дар ошёнаи 1-ум ҳуҷраҳои корӣ, ҳуҷраҳои хатна, муоинаи ултрасадоӣ, ҳуҷра барои ташхиси бемориҳои занона ва қайдгоҳ мавҷуд мебошанд. Инчунин ҳуҷраҳои табиби оилавӣ, табобати рӯзонаи калонсолон ва кӯдакон бо 13 кати хоб дар ошёнаи 2-юми бино пешбинӣ гардидааст.

Зимни шиносоӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббуси соҳибкорони ин деҳаро шоистаи таҳсин хонда, аз кормандони соҳаи тиб даъват намуданд, ки бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ва шароите, ки дар ин беморхона муҳайё карда шудааст, хизматрасониро ба аҳолӣ беҳтар ба роҳ монанд ва дар таъмини солимии ҷомеа саҳми арзандаи хешро гузоранд.

## Бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Лоҳутӣ

Тавре иттилоъ дода шуд, бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Лоҳутӣ бо маблағгузории соҳибкорони маҳаллӣ бо тарҳу сохти замонавӣ қомат афрохтааст. Лоиҳаи сохтмон аз тарафи Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш»-и ноҳияи Ховалинг пешниҳод гардида, корҳо ба тариқи ҳашар иҷро гардидаанд.

Мавриди зикри хос аст, ки иншооти мазкур аз ду ошёна иборат аст ва шароити хуби кориро  ба кормандони Ҷамоати деҳоти Лоҳутӣ фароҳам меорад. Дар ошёнаи 1-ум ҳуҷраҳои корӣ ва дар қабати дуюм маҷлисгоҳ бо 50 ҷойи нишаст ва дигар иншооти ёрирасон ҷойгир карда шудаанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои боздид аз ҳуҷраҳои корӣ ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, барои боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияту хизматрасонӣ ба сокинон дастуру ҳидоятҳои мушаххас доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоии пурра бо шароити муҳайёгардида дар бинои нави маъмурии Ҷамоати деҳоти Лоҳутии ноҳияи Ховалинг сокинон ва кормандони ҷамоатро ба муносибати мавриди истифода қарор гирифтани ин иншоот табрику таҳният гуфта, онҳоро барои татбиқи босамари сиёсати роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои садоқатмандонаи масъулияти базиммадоштаашон ҳидоят намуданд.

## Намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ ва шиносоӣ бо рафти парвариши зироат дар Кооперативи тиҷоратии «Суруш-1»

Имрӯз ҳамчунин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ховалинг аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ дидан намуда, бо ҷараёни парвариши зироат дар Кооперативи тиҷоратии «Суруш-1» дар деҳаи Доробии Деҳоти Ҷомбахт шинос шуданд.

Зимни боздиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳ зикр шуд, ки таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз чор ҳадафи стратегии давлату Ҳукумати Тоҷикистон маҳсуб ёфта, саҳми заҳматкашони ноҳияи Ховалинг низ дар роҳи расидан ба ин ҳадафи олӣ назаррас мебошад.

Дар намоишгоҳ кишоварзони ноҳия намунаҳо аз маҳсулоти гуногуни истеҳсолиро, ки аз майдонҳои киштзори ин минтақаи дилфиребу дорои табиати нотакрори диёр гирдоварӣ гардидааст, ба маърaз гузоштанд.

Зимни боздиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Кооперативи тиҷоратии «Суруш-1»-и ноҳияи Ховалинг иттилоъ дода шуд, ки хоҷагӣ соли 1994 дар майдони 5 гектар замин таъсис ёфта, феълан дорои 21 гектар замин мебошад.

Аз майдони умумии заминҳои кооператив 10 гектарашро обӣ, 9 гектар лалмӣ ва ду гектари дигарро чарогоҳ дар бар мегирад.

Заҳматкашони Кооперативи тиҷоратии «Суруш-1»-и ноҳияи Ховалинг аслан ба зироаткорию боғпарварӣ машғул буда, соли равон дар майдони 5 гектар картошка кишт кардаанд, ки феълан нашъунамои хуб дорад ва умед аст, ки то 300-сентнерӣ ҳосил ба даст оварда шавад.

## Маркази хизматрасонӣ

Ба Пешвои миллат иттилоъ доданд, ки бинои Маркази хизматрасонӣ дар доираи Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ бунёд шудааст. Бино аз ду ошёна иборат буда, дар он барои дӯхтани либос, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо ба сокинон шароит фароҳам оварда шудааст.

Ба таъкиди масъулон, ба хотири қонеъ кардани талаботи мизоҷон то мавриди истифода қарор гирифтани ин марказ 10 нафар занону ҷавондухтарони деҳаи Лоҳутӣ дар пойтахти мамлакат ба курсҳои кӯтоҳмуддати дӯзандагӣ ҷалб гардида, нозукиҳои ин касбро омӯхтанд.

Зимни шиносоӣ бо шароити Маркази хизматрасонӣ дар деҳаи Лоҳутии ноҳияи Ховалинг Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, иқдоми соҳибкорро шоёни дастгирӣ хонданд ва аз занони соҳибкасб даъват ба амал оварданд, ки дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва ҷалби ҷавондухтарон ба касбомӯзӣ саҳми хешро гузоранд.

## Боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, Нишон ва Парчами давлатӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ҳамчунин бо бардоштани парда Боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳияро, ки дар ҳудуди он пояҳои Нишон ва Парчами давлатӣ ҷойгир мебошад, мавриди истифода қарор доданд.

Тавре ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, Боғи фарҳангӣ-фароғатӣ бо дарназардошти Нишон ва Парчами давлатӣ ба маблағи 1,5 миллион сомонӣ дар маркази ноҳияи Ховалинг бунёд гардида, баробари мавриди истифода қарор гирифтанаш ба ҳусни ноҳия зебогии дигареро зам намудааст.

Ҳамчунин, дар ин макони зебову обод Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо баландии 24 метр қомат афрохтааст, мавриди истифода қарор доданд. Нишони давлатӣ бо дарназардошти эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ва арҷ гузоштан ба рамзҳои давлатӣ  бунёд гардидааст.

## Майдончаи варзишӣ

Тавре иттилоъ дода шуд, иншооти мазкур аз ҷониби Федератсияи футболи Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби зиёда аз 20 нафар сохтмочии маҳаллӣ сохта шудааст.

Ин иншооти варзишӣ дар маркази ноҳия танҳо барои бозии футбол пешбинї гардида,  дорои беҳтарин шароит барои ин намуди бозӣ мебошад. Майдончаи хурди бозии футбол дар ноҳияи Ховалинг бо тарҳи зебову замонавӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи сохтмонӣ бунёд ва дар он 35 адад таҷҳизоти хурду бузурги равшандиҳӣ насб карда шудааст. Илова бар ин, барои зебогии гирду атрофи иншооти мазкур дарахтони ороишиву сояафкан ва дар масоҳати 60 метри мураббаъ гулҳои зебои мавсимӣ шинонида шудааст.

## Бинои Маркази ҷавонон

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур моҳи майи соли 2018 оғоз гардида, аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Қудратӣ»-и ноҳияи Данғара бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои муосир ва санъати хоси меъмории миллӣ ба анҷом расонда шудаанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, барои мақсаднок истифода намудани иншооти навбунёд ба масъулон дастуру ҳидоятҳои судманд доданд.

Бинои мазкур аз ду ошёна ва таҳхона иборат буда, дар қабати якуми он бахши омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони русӣ ва англисӣ, технологияи информатсионӣ ва маҷлисгоҳ барои 50 ҷойи нишаст мавҷуд мебошад.

Ифтитоҳи чунин бинои хуштарҳу замонавӣ дар маркази ноҳияи Ховалинг мушкилоти қаблии ҷавононро рафъ намуда, барои фаъолияти пурсамари онҳо замина мегузорад.

## Намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ

Дар намоишгоҳ, гӯшаи имкониятҳои сайёҳии ноҳияи Ховалинг, харитаи хатсайри сайёҳии он бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» муаррифӣ гардид.

Инчунин, дар намоишгоҳ лоиҳаи Консепсияи рушди сайёҳии ноҳия барои солҳои 2019-2025, аз ҷумла «Эко-туризм дар Ховалинг» таҳия шудааст, ки дар он маълумот оид ба мазеъҳои таърихӣ ва табиати дилангези ин ноҳия ҷой дода шудааст.

Ховалинг, ки маркази сайёҳӣ ва яке аз гӯшаҳои бостонӣ ва зебои табиати Тоҷикистон аст, бойигариҳои табиию таърихӣ ва фарҳангии он дар намоишгоҳи мазкур ба таври васеъ муаррифӣ гардид.

Мавриди тазаккур аст, ки дар ноҳияи Ховалинг касбу ҳунарҳои зиёди мардумӣ, аз қабили заргарӣ, оҳангарӣ, чармгарӣ, дутортарошӣ, табақтарошӣ, қамчинбофӣ, намадбофӣ, сабадбофӣ, рафидадӯзӣ, чакандӯзӣ, зардӯзӣ, ҷӯроббофӣ, қолинбофӣ эҳё ва густариш ёфтааст, ки намунаҳои маҳсули дастранҷи мардуми он дар ҳар як гӯшаи намоишгоҳ, ба тамошо гузошта шуда буд.

## Шуъбаҳои нави Беморхонаи марказии ноҳия

Бинои нави тандурустӣ дар ноҳияи Ховалинг аз ду ошёна иборат буда, дорои 40 кати хоб ва ҳуҷраҳои муҷаҳҳаз бо дастгоҳҳои муосири тиббӣ мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шуъбаҳои ҷарроҳӣ ва кӯдаконаи Беморхонаи марказии ноҳияи Ховалинг дидан намуда, бо шароити муосири муҳайёгардида дар онҳо аз наздик шинос шуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки корҳои сохтмонӣ дар ин иншоот аз ҷониби Кооперативи истеҳсолӣ – тиҷоратии «Нигини Сулаймон» анҷом дода шуда, дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ 50 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин буданд.

Дастгоҳу таҷҳизоти шуъбаҳои нави беморхона аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон харидорӣ гардида, аз ҷониби мутахассисони соҳа васлу насб карда шудаанд.

# Модули нави компютерӣ дар хизмати андозсупорандагон

**2 августи соли 2019 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони васоити ахбори оммаи кишвар нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**

Муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Солеҳзода дар оғози нишаст изҳор кард, ки мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2019 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба андозаи 98,6% таъмин карда, ба ҷойи 5 млрд. 546,7 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 5 466,7 млн. сомонӣ ворид намуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 80,0 млн. сомонӣ кам, аммо нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта ҷамъоваригардида 416,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

- Аслан, сабабҳои дар ин давра таъмин нагардидани иҷрои нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ ин нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда нокифоя афзоиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ дар як қатор корхонаҳои калон, коҳиш ёфтани даромади ширкатҳои мобилӣ бо сабаби кам шудани манбаъҳои андозбандӣ аз ҳисоби хизматрасониҳои овозии байналмилалӣ ва ба танзим надаровардани хизматрасониҳои телематикӣ, инчунин, аз ҷониби як қатор корхонаҳо пурра ва сари вақт пардохт нашудани маблағи андозҳои ҳисобшуда мебошад, - гуфт А. Солеҳзода.

Зикр шуд, ки ба ҳолати 1 июли соли 2019 бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо 699,0 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба 1 январи соли 2019 ба андозаи 27,0 млн. сомонӣ кам гардидааст. Бо мақсади рӯёнидани маблағи бақияи қарзи андозҳо дар ин давра аз тарафи мақомоти андоз нисбати 3650 андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи 455,0 млн. сомонӣ зиёда аз 4900 адад қарор қабул шуда, аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2018 қабулгардида, дар маҷмӯъ, ба буҷет 341,0 млн. сомонӣ ворид шуд.

А. Солеҳзода, ҳамчунин, гуфт, ки дар нимсолаи якуми соли 2019 дар фаъолияти 880 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шуда, ба маблағи 240,0 млн. сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор ва аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби маблағҳои дар солҳои қаблӣ ошкоршуда, дар маҷмӯъ, ба буҷет 254,5 млн. сомонӣ ворид гардид, ки бо дарназардошти дар доираи қонунгузорӣ дар бораи мораторий ба танзим даровардани санҷишҳо дар соҳаи истеҳсолӣ, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 109,0 млн. сомонӣ кам мебошад. Дар натиҷаи анҷом додани корҳои назоратӣ дар ин давра бештар аз 12790 ҳолати ҳуқуқвайронкуниҳо ошкор ва шахсони ба қонуншикании андоз дастзада ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд.

Тавре зикр гардид, аз 13 майи соли ҷорӣ ба даст овардани сертификати имзои электронии рақамӣ ройгон ба роҳ монда шуд. Он бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат, ки аз мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ бармеоянд, роҳандозӣ шуда, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо дар фаъолияти мақомот, барои тақвият бахшидан ба раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо равона шудааст.

- Айни замон беш аз 94 ҳазор субъекти хоҷагидор (85% шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии бо шаҳодатнома амалкунанда), ба истиснои хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, эъломияҳои худро бо ин тартиб ба мақомоти андоз пешниҳод карда истодаанд, қайд шуд дар нишасти матбуотӣ. - Илова бар ин, ба зиёда аз 102 ҳазор нафар (100%) соҳибкори инфиродии тавассути патент фаъолияткунанда, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ андозҳоро бо маблағи устувор пардохт менамоянд, оид ба ҳисоб ва пардохти андозҳо аз соли 2013 тариқи электронӣ хизмат расонида мешавад. Алҳол, зиёда аз 196 ҳазор андозсупоранда аз тартиби мазкур истифода карда истодаанд.

А. Солеҳзода қайд кард, ки шурӯъ аз моҳи феврали соли ҷорӣ модули нави компютерии "Утоқи шахсии андозсупоранда" таҳия ва мавриди истифода қарор дода шуд. Ӯ таъкид кард, ки минбаъд, ғайр аз шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин барои шахсони воқеӣ низ имконияти пайваст шудан ба модули нави "Утоқи шахсии андозсупоранда" фароҳам оварда шудааст ва имрӯзҳо аз хизматрасонии электронии мазкур беш аз 250 ҳазор шахси воқеӣ истифода менамоянд.

Аз портали алоҳидаи хизматрасонӣ низ сухан рафт, ки аз 1 июли соли 2019 мавриди истифода қарор гирифтааст ва дар доираи он 36 намуди хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон дар шакли электронӣ пешниҳод шуда истодааст.

Тибқи Феҳристи ягонаи давлатӣ шумораи субъектҳои хоҷагидор дар ҷумҳурӣ афзоиш ёфта, ба санаи 1 июли соли равон шумораи умумии андозсупорандагон 323,0 ҳазор ададро ташкил кардаанд, ки нисбат ба 1 январи соли 2019-ум 7,0 ҳазор адад зиёд мебошад. Дар ин давра зиёда аз 10600 нафар шаҳрванд барои анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ тариқи электронӣ муроҷиат намудаанд.

Аюбҷон Солеҳзода дар интиҳои нишасти матбуотӣ аз ҳамкории рӯзноманигорон бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, қайд кард, ки чунин ҳамкориҳо бо мақсади ба шаҳрвандону андозсупорандагон дастрас намудани маълумоти вобаста ба қонунгузории андоз, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, маъмурикунонии андоз, вазъи андозбандии субъектҳои хоҷагидор ва самтҳои дигари фаъолияти соҳа, таъсири мусбии худро мегузорад. Ҳамчунин, рӯзноманигорон ба суолҳои худ посухҳои мушаххас гирифтанд.

**Тоҳир ЗИКРУЛЛОЗОДА,**
**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Татбиқи имтиёзҳо ба объектҳои хоҷагидор

**Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20.06.2019, таҳти №1620 ба қисми 4 моддаи 169 ва боби 471 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, ки тибқи он субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво ба муддаи 6 сол аз пардохти андоз аз фоида (андози низоми содакардашуда), андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз объектҳои ғайриманқул озод мебошанд.**

Санаи оғози татбиқи имтиёзҳои андозии мазкур барои корхонаҳои амалкунанда аз рӯзи амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.02.2018, №1511 ва барои дигар субъектҳои пас аз интишори расмии қонуни мазкур фаъолияткунанда аз санаи оғози фаъолият дониста мешавад. Барои соҳибкорони инфиродӣ санаи оғози татбиқи чунин имтиёзҳо аз рӯзи амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.06.2019 №1620 ва барои дигар соҳибкорони инфиродии пас аз интишори расмии қонуни мазкур фаъолияткунанда аз санаи оғози фаъолият эътироф карда мешавад.



Ҳамчунин, тибқи сархати 18 қисми 4 моддаи 169 Кодекси андоз воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъиноти соҳаи парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва воридоти молҳо, бевосита барои эҳтиёҷоти худи субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯрокаи омехтаи паранда ва чорво аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд.

Тибқи тағйироти ба моддаҳои 169 ва 3131 Кодекси андоз воридшуда минбаъд имтиёзҳои дар боло қайдшуда дар баробари корхонаҳо, инчунин ба соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки ба фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво машғул мебошанд, татбиқ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати таҳвил намудани чунин молҳои воридотӣ ба бозори воридотии кишвар ин гуна амалиёт бо андоз аз арзиши иловашуда, боҷи гумрукӣ ва дигар андозҳо бо тартиби умумии муқарраргардидаи Кодексҳои андоз ва гумрук андозбандӣ мешаванд. Яъне имтиёзи андоз аз арзиши иловашуда дар ҳолате татбиқ мегардад, ки воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод танҳо барои таъминоти соҳаи парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва эҳтиёҷоти худи субъектҳои хоҷагидори соҳаи мазкур истифода шавад.

Бо дарназардошти муқаррароти моддаи 313 ва бо мақсади назорати минбаъдаи молҳои воридотӣ барои эҳтиёҷоти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво мақомоти андоз вазифадор шудаанд, ки ҳар семоҳа оид ба эҳтиёҷоти молҳои дар ҷараёни фаъолияти мазкур истифодашаванда аз онҳо маълумот (аз ҷумла, маълумот оид ба хӯроки омехтаи паранда ва чорво) талаб намоянд. Илова бар ин, бо мақсади мутобиқат намудани воридоти технологияву таҷҳизот бо иқтидори истеҳсоли соҳаи фаъолият минбаъд иқтидори истеҳсолии ҳар як субъекти соҳибкориро дар ин соҳа мавриди назорати доимӣ қарор диҳанд.

Ҳамчунин, таъкид мешавад, ки агар аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор, дар баробари фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли маводи хӯрокаи чорво, дигар намудҳои фаъолият низ анҷом дода шавад, чунин субъектҳои хоҷагидор вазифадоранд, ки тибқи муқаррароти модаи 49 Кодекси андоз баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандӣ ва объектҳои бо андозбандӣ алоқамандро пеш баранд. Ёдрас мешавем, ки имтиёзҳои дар боло қайдшуда танҳо ба фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯрокаи паранда ва чорво татбиқ мегардад. Яъне дигар амалиётҳои субъектҳои хоҷагидор, ки ба фаъолияти мазкур алоқамандӣ надорад, тибқи тартиби муқарраргардидаи Кодекси андоз андозбандӣ мегардад.

**Т. ЗАЙНИДДИН**

# Андозбандии субъектҳои бизнеси бозӣ

## Низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ чӣ гуна низом аст ва киҳо аз ин низом истифода мекунанд?

**Низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозиро, асосан, шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳои онҳо, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи бизнеси бозӣ амалӣ менамоянд (ба истиснои даромадҳои бизнеси бозӣ, ки андозбандии онҳо дар манбаи пардохт амалӣ мешавад), истифода мекунанд.**

Бояд гуфт, ки дар асоси муқаррароти қисми 3 моддаи 306 Кодекси андоз истифодабарандагони низоми мазкур аз пардохти андозҳо, (ба истиснои даромадҳои дар манбаи пардохт андозбандишуда) аз қабили андоз аз фоида аз бизнеси бозӣ, андоз аз даромад бевосита аз даромадҳои бизнеси бозии соҳибкори инфиродӣ, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои ААИ барои хизматрасониҳои (корҳои) ба ғайрирезидент таҳвилшуда ва марбут ба воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон озод мебошанд.

Аммо шахсоне, ки ба фаъолияти бизнеси бозӣ машғуланд, аз иҷрои уҳдадориҳои агенти андоз озод нестанд. Агар аз ҷониби шахсони мазкур дар баробари фаъолияти бизнеси бозӣ, инчунин дигар намуди фаъолият анҷом дода шавад, чунин шахсон вазифадоранд баҳисобгирии алоҳидаи даромадҳо, хароҷот ва фаъолияти хоҷагидориро аз рӯи намудҳои дигари фаъолият пеш баранд. Ёдовар мешавем, ки имтиёзҳои дар боло қайдшуда танҳо дар қисмати фаъолияти бизнеси бозӣ татбиқ мегардад ва дигар амалиёт, ки ба фаъолияти бизнеси бозӣ алоқамандӣ надорад ва аз ҳисоби он даромад ба даст оварда мешавад, тибқи тартиби муқарраргардидаи Кодекси андоз андозбандӣ мегардад.

**ЧАНД МИСОЛ:**

**Мисоли якум.** ҶДММ «А» дар низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ қарор дорад. Ҷамъият дорои кассаи идораи букмекерӣ дар шаҳри Кӯлоб аст. Дар баробари ин, ҷамъият аз ҳисоби расонидани хизматҳои хӯроки умумӣ даромад гирифтааст. Дар ин ҳолат ҷамъият вазифадор аст, ки тибқи талаботи моддаи 49 Кодекси андоз ҳисобкуниҳоро аз рӯи ҳар намуди фаъолият дар алоҳидагӣ пеш бурда, аз фаъолият оид ба кассаи идораи



букмекерӣ андозро аз низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ бо меъёри 5 фоиз, вале на кам аз 5000 сомонӣ ва аз фаъолияти расонидани хизматҳои хӯроки умумӣ андозҳои дахлдорро (бо низоми содакардашуда ва умумӣ) тибқи талаботи Кодекси андоз ҳисоб ва пардохт намояд.

Ҷамъият, ҳамчунин, уҳдадор аст тамоми даромаду хароҷоте, ки ба намуди муайяни фаъолият мансуб дониста шудаанд, бо ҳуҷҷатҳои дахлдори баҳисобгирӣ тасдиқ ва дар муҳосибот онро мутобиқи талаботи моддаи 66 Кодекси андоз нигоҳ дорад.

Ба объекти низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ - мизи бозӣ, кассаи тотализатор, кассаи идораи букмекерӣ, автомати бозӣ бе бурди пулӣ, роҳрави бозӣ (ҳангоми бозии боулинг (кегелбан)), мизи билярд (ҳангоми бозии билярд), ташкили лото (ҳангоми бозии лото), ба фурӯш баровардани лотерея ва дигар объектҳои бизнеси бозӣ дохил мешаванд.

Тибқи талаботи қисми 2, 3 ва 4 моддаи 308 Кодекси андоз андозсупоранда уҳдадор аст барои ба қайд гирифтани ҳар як объекти андозбандӣ (аз ҷумла, ҳар як барориши чиптаҳои лотерея ба фурӯш, ки ҳаҷми фурӯши номиналии онҳо бо ифодаи пулӣ), на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ, то санаи оғози (фурӯши чиптаҳои лотерея) истифодаи он ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии объект тибқи замимаи №3-и Дастурамал «Оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз бизнеси бозӣ» бо ариза муроҷиат намояд.

**Мисоли дуюм.** ҶДММ «Б» санаи 10 январи соли 2019 дар бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Кӯлоб ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Ҷамъият нақша дорад, аз 1 феврали соли 2019 объектҳои бизнеси бозиро (аз ҷумла, мизи бозӣ, ки кассаи тотализатор, кассаи идораи букмекерӣ) дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои Восеъ, Муъминобод ва Фархор истифода намояд. Дар ин ҳолат, ҷамъият уҳдадор аст, ки то санаи 20 январи соли 2019 бо аризаи шакли муқарраршуда ба нозиротҳои андоз дар шаҳри Кӯлоб ва дигар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии объект (ноҳияҳои Восеъ, Муъминобод ва Фархор) муроҷиат кунад.

Тибқи мактуби тавзеҳотӣ, дар ин ҳолат мақомоти андоз вазифадор аст, ки дар асоси аризаи андозсупоранда дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ бо додани шаҳодатномаи дар замимаи №4-и Дастурамали мазкур овардашуда объектҳои андозбандиро ба қайд гирад.

Субъекти бизнеси бозӣ уҳдадор аст, ки ҳар тағйироти миқдории объектҳои андозбандиро на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи ҷойгиркунӣ ё қатъ гардидани истифодаи объекти андозбандӣ, аз ҷумла ҳар барориши лотереяҳои ба фурӯш баровардаи худро, дар мақоми андози маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ ба қайд гузорад.

**Мисоли сеюм.** ҶДММ «А» ба санаи 1 июли соли 2019 дорои 5 адад объекти андозбандӣ (аз ҷумла, мизи билярд) буда, санаи 10 июли соли 2019 истифодаи мизи билярдро қатъ менамояд. Дар ин ҳолат, ҷамъият уҳдадор аст то санаи 1 июли соли 2019 (яъне, на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи қатъи оғози истифодаи мизи билярд) ба Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб ё дигар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии объект (ноҳияҳои Восеъ, Муъминобод ва Фархор) бо ариза муроҷиат намояд.

Ҳангоми қатъи фаъолият дар соҳаи бизнеси бозӣ ва (ё) аз кор мондани объектҳои андозбандӣ (анҷом додани фурӯши чиптаҳои лотерея) аз ҷониби андозсупоранда варақаи бақайдгирии баҳисобгирии объектҳо бояд дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ ба мақоми андози маҳалли ҷойгиршавии объект супорида шавад.

Бояд қайд намуд, ки барои мақсадҳои ҳисоб кардани манбаи андоз аз бизнеси бозӣ даромади аз ҳар як воҳиди объекти андозбандӣ (ҳар барориши лотереяҳо ба фурӯш) дарназардоштташуда истифода мешавад. Маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои давраи андоз, новобаста ба андозаи даромад дар ҳаҷми устувор барои ҳар воҳиди объекти андозбандӣ (ҳар барориши лотерея ба фурӯш) бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо (ноҳияҳо) муқаррар мешавад.

**Мисоли чорум.** Тибқи қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб аз 22.12.2018, №232 меъёрҳои андоз аз бизнеси бозӣ дар шаҳри Кӯлоб муқаррар шудааст. Меъёри андоз аз бизнеси бозӣ барои ҳар як ташкили лото 5 фоизи даромади умумӣ, вале на кам аз 2000 сомонӣ пешбинӣ шудааст. Яъне, дар ҳар сурат, пардохти андоз аз бизнеси бозӣ аз 2000 сомонӣ кам шуда наметавонад ва даромади ҶДММ «А» аз фаъолияти ташкили лото 39500 сомонӣ буда, ҳангоми бо меъёри 5 фоиз ҳисоб намудани андоз аз бизнеси бозӣ 1975 сомониро ташкил медиҳад. Бо сабаби он ки маблағи андоз аз бизнеси бозӣ аз 2000 сомонии муқарраргардида кам мебошад, ҷамъият уҳдадор аст на дертар аз санаи 5-уми моҳе, ки баъд аз давраи андоз фаро мерасад, маблағи андоз аз бизнеси бозиро дар ҳаҷми 2000 сомонӣ пардохт намояд.

Дар сурати ба 45000 сомонӣ расидани даромади ҷамъият аз фаъолияти бозии лото, ҷамъият уҳдадор аст, ки аз чунин даромади ба дастомада бо меъёри 5 фоиз аз маблағи фурӯш андоз аз бизнеси бозиро (яъне 2250 сомонӣ) ҳисоб ва пардохт намояд. Чунин тартиби муайян намудани меъёрҳои андоз аз бизнеси бозӣ, дар дигар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ амалӣ мешавад.

Тибқи муқаррароти мактуби тавзеҳотӣ мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ба шахсони ҳуқуқӣ (филиал, намояндагӣ ва воҳидҳои махсуси онҳо), филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродии соҳаи безнеси бозӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, ҳамзамон, фаъолияти онҳоро таҳти назорат қарор диҳанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Власти США напоминают владельцам криптовалют о налогах



10 тысячам владельцев криптовалют поступят письма с напоминанием о необходимости платить налоги

Налоговая служба США (IRS) начала рассылать владельцам криптовалют предупреждения о возможном нарушении федеральных законов, сообщает РБК.

Американские налоговики не уточнили, о каких конкретно нарушениях идет речь, но держатели криптовалют могут облагаться различными налогами, в частности, на прирост капитала.

«Налогоплательщикам стоит отнестись к этим письмам очень серьезно», - заявил глава IRS Чак Реттиг. По его словам, теперь налоговое ведомство будет прилагать больше усилий в области, которая связана с криптовалютами.

В IRS переживают, что криптовалюты могут использовать для неуплаты налогов. В службе отметили, что все держатели криптовалюты получат письма до конца августа.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Андоз аз фоида чаро кам шуд?

**Дар шаш моҳи аввали соли 2019 иҷрои нақшаи андоз аз фоида дар вилояти Суғд дар ҳаҷми 106,2 фоиз таъмин гардид, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 15,7 млн. сомонӣ зиёд ва афзоиши воридот дар қиёси ҳамин давраи соли гузашта 115 фоизро ташкил додааст. Иҷрои ин намуди андозро нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Спитамен ва Бобоҷон Ғафуров таъмин карда натавонистаанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет ба маблағи беш аз 9,1 млн. сомонӣ ворид нагардид.**

Дар асоси маълумоти махзани барномаи компютерӣ маблағи ҳисобшудаи андоз аз фоида дар вилояти Суғд аз 01.01.2019 то 01.07.2019 дар маҷмӯъ 308,0 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 50,8 млн сомонӣ кам мебошад. Аз ҷумла, маблағи ҳисобшудаи андоз аз фоида дар шуъбаҳои Нозироти андозсупорандагони миёнаи ноҳияи Спитамен 317,6 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 1,2 млн. сомонӣ, Айнӣ 301,6 ҳазор сомонӣ ва Истиқлол 140,3 ҳазор сомонӣ нисбат ба давраи соли 2018 кам ҳисоб гардидааст.

Шумораи умумии супорандагони андоз аз фоида ба санаи 01.07.2019 дар миқёси вилояти Суғд, дар маҷмӯъ, 1296 ададро ташкил додааст. Аз ин теъдод 1115 адад, ё ин ки 86 фоизи он эъломияи андоз аз фоида барои соли 2018-ро пешниҳод намудаанд. Шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияи андоз аз фоидаро пешниҳод накардаанд 181 ададро ташкил дода, аз он 108 адад ё 59,6 фоиз аз ҳисоби шуъбаҳои нозироти андозсупорандагони миёна мебошад.

Ба ҳолати 4-уми июли 2019 шумораи эъломияҳои қабулшуда ҳамагӣ 1115 адад ё 86,0 фоизро ташкил додааст. Фоизи пасти қабули эъломия дар шаҳру ноҳияҳои Спитамен 66,7 фоиз, Ҷаббор Расулов 50,0 фоиз, Зафаробод 75,9 фоиз, Бобоҷон Ғафуров 23,8 фоиз, Истиқлол 76,9 фоиз шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна 85,9 фоиз ва шуъбаи Суғдии Нозироти андозсупорандагони калон 92,6 фоизро ташкил додааст.

Тибқи таҳлилҳои гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғд муайян гардид, ки баъзе андозсупорандагоне, ки дар асл соли 2018 фаъолият доштанд эъломияи андоз аз фоидаро пешниҳод накардаанд, ки боиси кам ҳисоб гардидани андози мазкур гардидааст. Масалан, ҶДММ "Дӯстӣ 2019" барои давраи ҳисоботии соли 2018 эъломияи андоз аз фоида ва тавозуни солонаро пешниҳод накардааст. Мутобиқи Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ андозсупоранда ба харидуфурӯши молҳои ниёзи мардум машғул мебошад. Тибқи эъломияҳои пешниҳодшудаи ААИ ва дигар ҳисоботи барои соли 2018 пешниҳодгардида, даромади умумӣ аз фурӯши молҳои воридшуда 142,3 млн. сомонӣ, маблағи тарҳҳо ҳамагӣ 137,4 млн. сомонӣ, фоидаи андозбандишаванда 4,8 млн. сомонӣ, андоз аз фоида барои давраи ҳисоботии соли 2018 аз рӯи меъёри 23 фоиз ба маблағи 1,1 млн. сомонӣ муайян карда шуд. Дар асоси ҳисоботи ҷамъият дар соли 2018 ба маблағи 289,9 ҳазор сомонӣ пардохтҳои ҷории андоз аз фоида ҳисоб шудааст, ки фарқият 823,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Инчунин, таҳлили интихобии эъломияҳои андоз аз фоида барои соли 2018, ки аз ҷониби андозсупорандагон пешниҳод гардидааст, муайян намуд, ки дар ин самт низ камбудиҳо ҷой дошта, дар қисмати тарҳҳо хароҷоти беасос дарҷ гардида, андоз аз фоида кам ҳисоб шудааст. Масалан, таҳлили эъломияи андоз аз фоида, ки аз ҷониби ҶДММ "Согдийская химическая компания" пешниҳод гардидааст, муайян намуд, ки дар қисмати тарҳҳо маблағи хароҷотро ба маблағи 3,2 млн. сомонӣ беасос барзиёд дарҷ намуда, аз ин ҳисоб андоз аз фоидаро бо меъёри 23 фоиз дар ҳаҷми 748,0 ҳазор сомонӣ кам ҳисоб намудааст.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи маъмурикунонии андоз аз фоида ва мушкилиҳои мавҷуда, ки мақомоти андоз ҳангоми қабули эъломияи андоз аз фоида барои соли ҳисоботии 2018 ба камбудиҳо роҳ дода истодаанд, давоми моҳҳои апрел ва майи соли ҷорӣ дар ҷаласаҳои алоҳидаи Кумитаи андоз мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ба таҳлили нишондоди тавозуни корхонаҳо аҳамияти ҷиддӣ дода, дурустии нишондиҳандаҳои дар эъломияи андоз аз фоида сабтнамудаи андозсупорандагон ва таркиби хароҷоти нишондодаи корхонаву ташкилотҳоро мавриди таҳлили амиқ қарор диҳанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ



## Макрон сообщил Трампу о необходимости масштабного соглашения по цифровому налогообложению

Саммит «G7», который пройдет 24-26 августа во Франции, может стать площадкой для заключения соглашения

Между президентами Франции и США Эммануэлем Макроном и Дональдом Трампом состоялся телефонный разговор, во врем которого французский лидер необходимость заключения широкомасштабного международного соглашения в области налогообложения крупнейших цифровых компаний, передает ТАСС.

Макрон сказал Трампу о том, что предстоящий саммит «G7», который пройдет 24-26 августа во Франции, может стать площадкой для заключения международного соглашения в этой сфере. Он также отметил, что саммит «Большой семерки» предоставит «важную возможность продвинуться вперед» на пути к заключению международного соглашения о «всеобщем налогообложении цифровой деятельности».

**Источник: http://taxpravo.ru**

- Дар нимсолаи аввали соли 2019 гардиши мол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 2 094,1 миллион доллар баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (2046,7 миллион доллар) 47,3 миллион доллар ё 2% зиёд мебошад, - гуфт сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода

# Амалиёти содиротию воридотӣ бо 101 кишвар



- Аз ҳаҷми умумии гардиши мол 1 555,9 миллион доллар (соли гузашта 1529,3 миллион доллар) ба воридот ва 538,1 миллион доллар (соли гузашта 517,4 миллион доллар) ба содирот рост омада, мутаносибан воридот ба маблағи 26,6 миллион доллари ИМА ё ба андозаи 2% ва содирот ба маблағи 20,7 миллион доллари ИМА ё 4% афзоиш ёфтааст. Дар сохтори умумии гардиши мол ҳиссаи воридот ба 74,3% ва содирот ба 25,7% баробар мебошад.

Чуноне, ки дар нишаст зикр шуд дар ин давра, аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 101 мамлакати ҷаҳон амалиёти содиротию воридотӣ ба анҷом расонида шудааст. Аз ҳаҷми умумии содирот 27,9% ё 200,2 миллион доллар ба кишварҳои хориҷи наздик ва 62,1% ё 337,9 миллион доллар ба кишварҳои хориҷи дур рост меояд.

Воридоти мол низ аз хориҷи кишвар афзоиш ёфта, он мустақиман ба табиқи имтиёзҳои андозию гумрукӣ вобастагӣ дорад. Имтиёзҳои пешниҳодшуда бо мақсади беҳтар кардани фазои сармоягузории кишвар, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, ҳамчун бо таҷҳизоти истеҳсолию технологии муосир муҷаҳҳаз намудани корхонаҳои истеҳсолӣ, даст кашидан аз автомошинаҳои кӯҳна ва нав кардани парки автомобилӣ, сохтмони объектҳои муҳим ва ғайра равона шудаанд, ки яке аз воситаҳои ҷалби сармоя ва рушди иқтисодиёт аст.

Х. Каримзода, ҳамчунин, зикр кард, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019" дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ нақшаи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ аз ҳисоби воридоти мол ва воситаҳои нақлиёт ба андозаи 2 469,6 миллион сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби воридоти андоз аз арзиши иловашуда 1 868,7 миллион сомонӣ, боҷи гумрукӣ 352,0 миллион сомонӣ, боҷи содиротӣ 70,7 миллион сомонӣ, андози аксизӣ 142,5 миллион сомонӣ ва аз ҳисоби воридотҳои ғайриандозӣ 35,7 миллион сомонӣ ворид гардид, ки ин ба 102,7 фоизи нақшаи пешбинишуда баробар мебошад. Дар маҷмӯъ, дар нимсолаи аввали соли 2019 аз ҳисоби барзиёд иҷро гардидани нақшаи пардохтҳои гуирукӣ ба Буҷети давлатӣ ба маблағи 67,5 миллион сомонӣ маблағи иловагӣ ворид шудааст. Умуман, маблағи ҷамъоваришудаи пардохтҳои гумрукӣ дар нимсолаи аввали соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 218,4 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

- Дар ин давра, дар самти татбиқи Лоиҳаи "Ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиё Марказӣ оид ба беҳтар намудани хизматрасониҳои наздисарҳадӣ" корҳои муайяне ба анҷом расонида шуда, варианти тестии барномаи низоми миллии Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то моҳи сентябри соли ҷорӣ пурра ба анҷом расида, озмоиши он оғоз хоҳад гардид, - изҳор дошт Х. Каримзода.- Дар сурати мавриди амал қарор додани низоми миллии Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фарогирии ҳамаи сохторҳои танзимкунандаи фаъолияти иқтисодии хориҷии субъектҳои соҳибкорӣ, муомилоти ҳуҷҷатҳои коғазӣ марала ба марҳала аз байн рафта, дархост ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва мубодилаи иттилоот байни сохторҳои ваколатдор дар доираи низом тариқи электронӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар охир Х. Каримзода ба саволҳои намояндагони воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ ҷавобҳои қаноатбахш дода, аз ҳамкорӣ бо онҳо изҳори сипос намуд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

**Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи Кодекси андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ҷаласаи Гурӯҳи корӣ баргузор шуд, ки дар кори он намояндагони вазорату идораҳо, бахши хусусӣ, шарикони рушд, коршиносону мутахассисон иштирок намуданд.**

# Таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав




Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Шараф Шерализода қайд кард, ки Гурӯҳи корӣ мутобиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2019, дар бораи таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо қарори раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019 таъсис дода шудааст. Ҳадаф аз он ташкили кор оид ба ҷамъоварӣ намудани пешниҳодоти субъектҳои соҳибкорӣ бо асосноккуниҳои зарурӣ, фаро гирифтани шумораи ҳарчӣ бештари онҳо ба пешниҳодоти мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ, муназзам ва мушаххассозии пешниҳодот ва маҷмуан самаранок намудани татбиқи минбаъдаи он барои андозсупорандагон ва буҷети мамлакат мебошад.

Дар ҷаласа қайд гардид, ки ҷамъоварӣ намудани пешниҳодот дар 6 бахши алоҳида, аз ҷумла соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ, энергетика ва сохтмон, нақлиёт ва логистика, молия ва бонкдорӣ, сайёҳӣ, хизматрасонӣ ва тиҷорат ба роҳ монда мешавад.

Ба таваҷҷуҳи иштирокчиён, ҳамчунин, шакли махсуси ҷамъоварии таклифу пешниҳодот ба лоиҳаи Кодекси андоз манзур гардида, хоҳиш карда шуд, ки дар онҳо мулоҳизоту таклифҳо ба лоиҳа дарҷ ва ба Котиботи гурӯҳи корӣ ирсол гардад. Ҳамчунин қайд карда шуд, ки ҷамъоварии пешниҳодот ба лоиҳаи Кодекси андоз дар сомонаи расмии Кумита давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути равзанаи алоҳидаи “пешниҳод ба Кодекси андоз-2020” амалӣ карда мешавад.

Илова бар ин, чуноне зикр шуд, сафарбар намудани мутахассисон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои ташкил намудани воҳӯрӣ бо доираи бахши хусусӣ, сармоягузорон, ассотсиатсияҳо доир ба мушкилоти низоми андозбандӣ низ дар назар дошта шудааст.

Тавре Ш. Шерализода қайд намуд, ҷаласаҳои бахшҳо тибқи нақша баргузор гардида, дар онҳо фикру мулоҳизот ва пешниҳодоти манзургардида мавриди баррасӣ қарор мегирад ва барои ба лоиҳаи кодекс ворид намудани он тасмим гирифта мешавад. Дар сурати ба миён омадани зарурат дар ҷаласаҳо коршиносону мутахассисони соҳаи андоз даъват хоҳанд шуд.

Дар охир вобаста ба фаъолияти гурӯҳи корӣ ва масъалаҳои он миёни иштирокчиён мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Фаррухрӯзи ҶОВИД**

# Пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз

**Санҷишҳои андоз, асосан, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупорандагон гузаронида мешавад. Имрӯз корҳои назоратӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳим ва назарраси фаъолияти мақомоти андоз буда, ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.**



Натиҷаи корҳои назоратӣ шаҳодат медиҳад, ки агарчи маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардида, сатҳи қонуншиканвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳоло ҳам қонунвайронкуниҳои андозро ошкор менамояд.

Имрӯзҳо кормандони мақомоти андоз дар фаъолияти соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузаронида истодаанд, то ки фаъолияти онҳо дурусттар роҳандозӣ гардад. Яке аз чунин корҳои назоратӣ ин гузаронидани санҷиши амалиётӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон мебошад.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳриёр Афғонов иттилоъ дод, дар нимсолаи аввали соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз дар асоси 306 амрнома фаъолияти 8993 андозсупоранда, аз ҷумла 1145 шахси ҳуқуқӣ ва 6092 соҳибкори инфиродӣ таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дода шудаанд. Андозҳои ҳисобшуда бе ҷаримаҳои маъмурӣ 44665,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳанд, ки аз ин 40389,2 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст. Дар рафти санҷиши амалиётӣ 1638 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ ошкор ва онҳо бо ҳуҷҷатҳои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин шуданд. Инчунин, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ 137 шахси ҳуқуқӣ ва 268 соҳибкори инфиродӣ бо мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) таъмин гардидаанд.

- Дар ин давра Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 784 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 13967 ҳазор сомонӣ, шаҳри Душанбе 936 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 1179,5 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд 2926 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 8169,3 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 2360 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 915,5 ҳазор сомонӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 204 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 91,7 ҳазор сомонӣ, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1736 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 1365,7 ҳазор сомонӣ, НАК 25 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 7390 ҳазор сомонӣ ва НАМ 22 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 11587 ҳазор сомонӣ гузаронидааст,- гуфт Ш. Афғонов. - Дар давраи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ барои риоя накардани қонунгузориҳои андоз ба маблағи 6860,8 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шудааст.

Дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз 346 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул аз ҷониби шахсони воқеӣ ошкор шудааст. Аз ҷумла, аз ҷониби шуъбаи санҷишҳои амалиётии Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 22 нафар, шаҳри Душанбе 6 нафар, вилояти Суғд 45 нафар, вилояти Хатлон 20 нафар, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 35 нафар, ВМКБ 1 нафар ва Нозироти андозсупорандагони миёна 8 нафар шахси бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул ошкор гардид. Молу мулки ошкорнамудаи ба иҷорадодашуда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, нисбати соҳибмулкон андозҳои иловагӣ ҳисоб ва пардохти маблағ ба буҷет таъмин шудааст.

Ҳамзамон, дар натиҷаи санҷишҳои амалиётӣ дар фаъолияти андозсупорандагон 2598 нафар коргари кироя иловагӣ, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб гардидаанд, ошкор шудааст Дар натиҷа, коргарони кироя бо шартномаҳои меҳнатӣ таъмин шуда, нисбати андозсупорандагони мазкур барои риоя накардани тартиби нигоҳ доштани андоз дар манбаи пардохт протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудаанд.

Мавсуф гуфт, ки дар ин давра 36 шахси ҳуқуқӣ, 373 соҳибкори инфиродӣ бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ ва 2336 нафар бо патент таъмин гардиданд. Инчунин, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ 23 нуқта ба миқдори 20 адад моли беаксиз ва тамғаҳои аксизи қалбакӣ ошкор ва пешгирӣ карда шуд.

Зикр шуд, ки дар ин зимн нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳо ҳангоми санҷишҳои амалиётӣ коргарони кирояи ба кор ҷалбшудаи беқайди мақомоти андозро ошкор ва пешгирӣ накардаанд, ки ҳолати мазкур ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ, хусусан андози иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонидааст. Масалан, тибқи ҳисоботи пешниҳодгардида ба Кумитаи андоз, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Ашт, Зафаробод, Истиқлол, Спитамен, Кӯҳистони Мастчоҳ, Леваканд, Кушониён, Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ, Панҷ, Қубодиён, Темурмалик, Ҳамадонӣ, Данғара,, Балҷувон, Восеъ, Нуробод ва Сангвор дар нимсолаи аввали соли 2019 дар рафти санҷишҳои амалиётии андоз умуман коргарони кирояи беқайдро ошкор накардаанд.

- Натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ нишон дод, ки дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо захира ва имкониятҳои зиёде мавҷуданд, аз ин рӯ, ба андозбандӣ фаро гирифтани манбаъҳо аз ҳар як корманди мақомоти андоз масъулияти баланд ва иҷрои босифати уҳдадориҳои мансабиро тақозо менамояд, - мегӯяд Ш. Афғонов. - Сарфи назар аз вуҷуд доштани қонунвайронкуниҳои андоз, бархе аз мақомоти ҳудудии андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санҷишҳои амалиётии андоз намегузаронанд ва ё онро дуруст ва расмият намедароранд. Масалан, дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Панҷ, Қубодиён, Ҳамадонӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ ягон адад санҷиши амалиётӣ гузаронида нашудааст.

Ёдрас мешавем, ки санҷишҳои амалиётӣ самти афзалиятноки соҳа буда, дар раванди иҷрои қисми даромади буҷет омили таъсиррасон мебошад. Аз ин рӯ, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ба самти мазкур аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Хатлон: иҷрои нақшаи андозҳо

**Раёсати андоз дар вилояти Хатлон нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 102,6% таъмин намуд. Ба ҷойи 687 миллиону 125,2 ҳазор сомонии пешбинишуда, ба буҷет 705 миллиону 158,8 ҳазор сомонӣ ворид карда шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 18,0 млн сомонӣ зиёд буда, нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли 2018 ҷамъоваригардида, ба андозаи 85,9 млн. сомонӣ, ё худ 13,8% бештар мебошад.**



Ба иттилои масъулини Раёсати андози вилояти Хатлон нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ бошад дар давраи ҳисоботӣ ба андозаи 97% таъмин гардид ва дар натиҷа ба ҷои 149,9 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 145,4 млн. сомони ворид карда шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 4,5 млн сомонӣ кам ва нисбат ба маблағи ҷамъоваригардидаи ҳамин давраи соли гузашта 19,5 млн. сомонӣ ё худ 15,5% зиёд мебошад. Аз нигоҳи коршиносон яке аз сабабҳои мусоидаткунанда, ки боиси сифатан таъмин нагардидани нақшаи намудҳои андоз дар фаъолияти шаҳру ноҳияҳои вилоят гардидааст, аз як тараф дар сатҳи дахлдор дуруст ба роҳ намондани маъмурикунонии андозҳо бошад, аз тарафи дигар дуруст ба инобат нагирифтани манбаъҳои воқеии андозбандӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо асос шуда метавонад. Гуфта шуд, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз ҳисоби сифатан таъмин нагардидани нақшаи андозҳо ба буҷет 49,2 млн. сомонӣ ворид нагардида бошад ҳам, аз ҳисоби нақшаҳои пешбинишудаи дигар намуди андозҳо дар миқёси вилоят 66,8 млн. сомонӣ барзиёд ҷамъоварӣ карда шудааст. Иҷрои нақшаи андоз аз арзиши иловашуда дар маҷмуъ дар ин давра аз ҷониби нозироти андози шаҳру ноҳияҳои Вахш 42%, Абдураҳмони Ҷомӣ 40%, Ҷайҳун 15%, Панҷ 18%, Ёвон 30%, Носири Хусрав 42%, Левакант ва Буҷети вилояти 97% таъмин нагардид, ки дар натиҷа ба буҷет аз ин ҳисоб ба маблағи 23,7 млн. сомонӣ кам воридшуд ва аз маблағи вориднашуда дар алоҳидагӣ (бе назардошти корхонаҳои азим) ба нозироти андози шаҳру ноҳияҳои Бохтар 553 ҳаз. сомонӣ, Кушониён 76 ҳаз. сомонӣ, Вахш 1,3 млн. сомонӣ, Хуросон 68 ҳаз. сомонӣ, Дӯстӣ 48 ҳаз. сомонӣ, Қубодиён 11 ҳаз. сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 1 млн. сомонӣ, Ҷайҳун 1,2 млн. сомонӣ, Панҷ 912 ҳаз. сомонӣ, Ёвон 5,6 млн. сомонӣ, Носири Хусрав 268 ҳаз. сомонӣ, Левакант 580 ҳаз. Сомонӣ ва худи шуъбаи нозироти андозсупорандагони калон 14,9 млн. сомонӣ рост омада, боиси иҷро нагардидани нақшаи андози мазкур дар сатҳи вилоят гардид. Инчунин, дар давоми нимсолаи аввали соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, афзоиши маблағи ҳисобшудаи андоз аз арзиши иловашуда ба назар намерасад. Аз ҷумла, дар миқёси вилоят нисбати ҳамин давраи соли гузашта ҳисобкунии андоз аз арзиши иловашуда ба маблағи - 17,1 миллион сомонӣ коҳиш ёфтааст. Коҳишёбии ҳисоби ин намуди андоз асосан дар фаъолияти нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Кулоб -5,9 мил. сомонӣ, Данғара-1,6 млн. сомонӣ, Бохтар – 2,3 млн. сомонӣ, Леваканд-2,8 мил. сомонӣ, Дӯстӣ - 3,7 мил. сомонӣ, Хуросон - 1,0 млн. сомонӣ, Балҷувон 500 ҳазор сомонӣ, Ҷомӣ - 240 ҳаз. сомонӣ, Ёвон - 677,0 ҳазор сомонӣ, Восеъ - 1,4 мил. Сомонӣ ва Фархор -1,6 мил. Сомонӣ ҳазор сомонӣ ҷой дорад.

Раёсати андоз дар вилояти Хатлон нақша дорад, ки дар нимсолаи дуюми соли 2019 сифати корӣ ва хизматрасонӣ, назорат, санҷиш ва корҳои фаҳмондадиҳиро хубтар ба роҳ монда ва нақшаи ҳамаи намуди андозҳо сари вақт иҷро намоянд.

**С. РУСТАМ, вилояти Хатлон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Мексике прошел аукцион криминальных драгоценностей «Робин Гуд»

Все вырученные деньги пойдут на строительство дорог в деревнях.

Власти Мексики нашли отличное применение драгоценностям, которые были нажиты нечестным путем. Все добро, конфискованное у преступников, там пустили с молотка в рамках программы «Робин Гуд».

Идея продавать преступные драгоценности на аукционе принадлежит президенту страны. На продажу были выставлены сотни изделий, в числе которых инкрустированные бриллиантами часы Piaget и разнообразные ювелирные украшения. Лоты, стоящие не менее тысячи долларов, были изъяты у наркоторговцев, неплательщиков налогов и коррупционеров.

Покупатели не стеснялись происхождения этих вещей и охотно поднимали ставки.

В итоге общая сумма торгов превысила миллион долларов.

На эти деньги местные власти планируют построить дороги к деревням на западе Мексики, так как сейчас добираться туда очень сложно.

**https://news.mail.ru**

## СЕМИНАР–МАШВАРАТ

# Рӯ ба рӯ бо соҳибкорон

**Аз 25 то 31 июли соли 2019 бо иштироки намояндагони мақомоти андоз ва соҳибкорону масъулони КВД "Бозори Саховат", ҶДММ "Бозори Меҳргон", ҶДММ "Файзи Саид" ва Маркази савдои "Корвон сити" семинар-машваратҳо баргузор гардиданд.**

Сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ бо андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе И. Муродҳусейнов ҳангоми баромадаш дар семинар-машварат қайд кард, ки фаъолияти соҳибкорӣ яке самтҳои муҳими иқтисодиёти давлат ба ҳисоб меравад. Ва боиси қаноатмандист, ки имрӯз шумораи соҳибкорон афзуда истодаанд.

Муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри душанбе Обиди Муҳаммадсаид низ дар семинар-машварат суханронӣ намуд. Ӯ аз ҷумла шарҳ дод, ки тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолят менамоянд, дар асоси моддаҳои 283-289 Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" ба роҳ монда мешавад. Низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент амалӣ менамоянд, низоми махсуси андозбандӣ буда, дар асоси он соҳибони патент ӯҳдадоранд андозҳои муқарраргардидаро ба андозаи устувор, новобаста аз даромади бадастоварда пардохт намоянд. Патент ҳуҷҷати номӣ буда, аз даромади дар амал бадастовардаи соҳибкори инфиродӣ вобаста нестанд. Яъне, новобаста аз он ки соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда даромад мегирад ё намегирад, то он лаҳзае, ки фаъолияташ тибқи қонунгузорӣ қатъ гардонида нашудааст, ҳамчун соҳибкоре, ки фаъолияти худро давом медиҳад ва дар назди буҷет ӯҳдадориҳои андоз дорад, эътироф карда мешавад. Дорандагони патент тибқи қонунгузории андоз барои бурдани ҳисоботӣ, мавриди истифода қарор додани мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ва пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ба мақомоти андоз ӯҳдадор нахоҳанд буд.

Дар семинар-машварат ёдрас шуд, ки ҷиҳати баланд бардоштани тафаккури андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон ва маҳдуд намудани омилҳои номатлуб дар рафти хизматрасониҳо, дар асоси муроҷиати чандинкаратаи андозсупорандагон дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 24.07.2019, таҳти №353 гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони бо патент фаъолияткунанда ихтисор шуданд. Минбаъд соҳибкорон мустақилона дар муҳлатҳои муқарраршуда, ҳар моҳ то санаи 5-ум андозҳоро пардохт менамоянд. Ба соҳибкорон фаҳмонида шуд, ки дар сурати сари вақт пардохт накардани андозҳо барнома ҷарима ва фоизҳо ҳисоб менамояд. Дар ҳолати бе қайди давлатӣ ба фаъолият машғул шудан, соҳибкорон дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима мешаванд. Дар семинар-машваратҳое, ки дар бозорҳои номбурда гузаронида шуданд, ҳамчунин корманди Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Акобир Садриддинов суханронӣ намуд. Ӯ аз талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 ёдовар шуда, таъкид кард, ки масъулони бозорҳо ва марказҳои калони савдо, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ба имзо мерасонанд, ӯҳдадор мебошанд, ки ҳар семоҳа ба мақомоти андози маҳалли қайди худ оид ба чунин субъектҳо, масоҳати фаъолият, бо нишондоди раста ва ҷойи фаъолият, ба таври электронӣ маълумот пешниҳод намоянд. Дар сурати бе қайди дар мақомоти андоз бо соҳибкорон бастани шартнома аз тарафи бозорҳо ё марказҳои савдо мутобиқи моддаи 23 қисми 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарон ва шахсони масъул ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Чуноне, ки дар семинар-машваратҳо ёдрас шуд, ҷиҳати тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва бо тартиби муосир ба роҳ мондани саволу ҷавоб бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2017, таҳти №507 "Тартиби пешниҳоди машварат дар низоми вақти мустақим (онлайн) бо истифодаи "Чат" дар Кумитаи андоз" роҳандозӣ гардидааст ва андозсупорандагон метавонанд аз ин тартиб самаранок истифода намоянд.

Дар охир намояндагони мақомоти андоз ба саволҳои иштирокчиёни семинар-машварат ҷавобҳои қонеъкунанда доданд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

# Афзалиятҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ

## Ҳолатҳои бақайдгирӣ ва андозбандии низомҳои умумӣ, махсус ва имтиёзнок чӣ гунаанд?

**Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон се низоми андозбандӣ - низоми умумии андозбандӣ, низомҳои махсуси андозбандӣ ва низомҳои имтиёзноки андозбандиро муқаррар кардааст. Низомҳои махсуси андозбандӣ дар навбати худ ба 4 ва низомҳои имтиёзноки андозбандӣ ба 6 адад зернизом ҷудо мешаванд.**

Бояд қайд намуд, ки низоми умумии андозбандӣ тартиби ҳисоб ва пардохти маблағи андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллии муқарраршудаи Кодекси андозро, ба истисноӣ низомҳои махсус ва имтиёзноки андозбандӣ, муқаррар менамояд.

Низомҳои махсуси андозбандӣ барои категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон муқаррар гардидааст ва андозсупорандагон уҳдадоранд, ки бо истифода аз низоми махсуси андозбандӣ андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллиро бо тартиби содакардашуда ҳисоб ва ба буҷет пардохт намоянд. Аммо низомҳои имтиёзноки андозбандӣ вобаста ба хусусияти фаъолият, ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ҷиҳати сармоягузорӣ имтиёзҳо ва афзалиятҳои иловагиро ба андозсупорандагон муқаррар менамояд.

Мутобиқи махзани маълумоти Кумитаи андоз ба ҳолати 1 июли соли 2019 шумораи умумии андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ қарордошта 4918 адад мебошад. Шумораи соҳибкорони дар низомҳои махсуси андозбандӣ фаъолияткунанда, дар маҷмӯъ, 313388 ададро ташкил медиҳад. Аз ҷумла:

*- дар шумораи субъектҳои дар низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд, дар маҷмӯъ, 138332 адад;*

*- шумораи субъектҳои дар низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд фаъолияткунанда 15420 адад;*

*- дар низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона), дар маҷмӯъ, 158446 адад;*

*- шумораи субъектҳои дар низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ фаъолияткунанда ба 1190 адад баробар мебошад.*

Умуман, шумораи субъектҳои соҳибкории дар низомҳои имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда дар ин давра 234 ададро ташкил додаанд:

*- шумораи субъектҳое, ки имтиёзҳоро ҳангоми сохтмони неругоҳҳои обӣ истифода мекунанд, бо дарназардошти фармоишгар ва пудратчиёни асосӣ, дар маҷмӯъ, 27 адад;*

*- шумораи субъектҳое, ки низоми имтиёзноки андозбандӣ - хусусияти андозбандии корхонаҳои ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ва маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ ва аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дӯзандагӣ) фаъолияткунанда (бе дарназардошти бекор гардидани амали имтиёзҳои 4 адад субъект) 8 адад;*

*- шумораи субъектҳои дар низоми имтиёзноки андозбандӣ - хусусияти андозбандии корхонаҳои парандапарварӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи паранда ва чорво фаъолияткунанда 125 адад;*

*- шумораи субъектҳои низоми имтиёзноки андозбандии субъектҳои бозори қоғазҳои қиматнок 4 ададро ташкил дода, ҳамзамон шумораи иштирокчиёни он ба 55 адад мерасад;*

*- тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 4 адад субъект ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолият дар низоми имтиёзноки андозбандӣ аз рӯи созишномаҳо оид ба тақсимоти маҳсулот иҷозат дода шудааст;*

*- шумораи субъектҳои дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ бақайдгирифташуда 66 ададро ташкил медиҳад, ки дар он ширкатҳои ватанию хориҷӣ машғули фаъолиятанд.*

Субъектҳое, ки низомҳои имтиёзноки андозбандиро истифода мекунанд, тибқи талаботи Кодекси андоз аз пардохти як қатор андозҳои алоҳида ба таври доимӣ ё барои давраи муайяни сол озод мебошанд. Вобаста ба ин, субъектҳои мазкурро зарур меояд, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ вобаста ба даромадҳо, хароҷот, молу мулк ва фаъолияти хоҷагидории худ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бо пеш бурдани ҳисоботи алоҳида баҳисобгирии муҳосибиро дар фаъолияти худ таъмин кунанд ва доир ба имтиёзҳои истифодашуда ба мақомоти андози маҳалли қайди худ ҳисобот ва эъломияҳои марбут ба андозро пешниҳод намоянд. Аммо, тавре ба назар мерасад, на ҳамаи субъектҳои дар низоми имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда, хусусан, субъектҳои ба фаъолияти парандапарварӣ машғулбуда ва субъектҳои МОИ ба мақомоти андози маҳалли қайди худ дар ин хусус эъломия ва ҳисоботи дахлдор пешниҳод мекунанд.

Бинобар ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки дар ҳамкорӣ бо вақоми ваколатдори давлатӣ бо субъектҳое, ки дар низомҳои имтиёзноки андозбанӣ фаъолияти худро амалӣ менамоянд, семинар-машварат ва вохӯриҳои судманд доир намоянд. Ҳамчунин ҷиҳати таъмини пешниҳоди эъломияҳои андоз (аз ҷумла, тавозуни муҳосибӣ ва ҳисоботи андози даромад аз суди саҳмияҳо) ва пешгирии қонуншиканиҳо дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ тадбирҳои ҷиддӣ андешанд.

Мушкили дигаре, ки дар фаъолияти субъектҳои дар низоми имтиёзноки андозбандӣ амалкунанда, яъне корхонаҳои ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ва маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ ва аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дӯзандагӣ) фаъолияткунанда ҷой дорад, ин риоя накардан ва дар мӯҳлатҳои тасдиқгардида ба кор надаровардани силсилаҳои коркарди нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ аз ҷониби корхонаҳои мазкур ба ҳисоб меравад, ки маҳз чунин амал боиси бекор шудани имтиёзҳои барои андозсупорандагон пешбинишуда мегардад.

Масалан, дар ин давра бино бар дар мӯҳлатҳои тасдиқшуда ба кор надаровардани силсилаҳои коркарди нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ имтиёзҳои андозии пешбинамудаи Кодекси андоз нисбати ҶСП “Олим Текстайл”, ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди “Нику Хуҷанд”, “Хима Текстайл” ва “Спитамен Текстайл” дар асоси фармоишҳои алоҳидаи якҷояи Вазорати молия ва Кумитаи андоз қатъ шуда, шаҳодатномаҳои онҳо бекор ва бозхонд шудаанд.

Ҳамчунин, тавре таҳлилҳо нишон додаанд, аз ҷониби ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди “Адолат А”, “Беҳрузи Мурод” ва “Файзи Истиқлол 2011” мӯҳлатҳои тасдиқгардидаи силсилаҳои коркарди нахи пахта риоя нагардидааст, аммо андозсупорандагони мазкур аз имтиёзҳои пешбинишудаи моддаи 313 Кодекси андоз холо ҳам истифода карда истодаанд.

Бо мақсади таҳлил ва назорати минбаъдаи фаъолияти субъектҳои соҳибкории дар низомҳои махсус ва имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда, инчунин ташкили махзани ягонаи маълумот ва пешбурди мониторинги имтиёзҳои андозӣ, дар доираи лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз, шурӯъ аз 1 июни соли 2019 модули нави барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (СМИИА) “Бақайдгирии андозсупорандагон вобаста ба низомҳои андозбандӣ” мавриди амал қарор гирифтааст.

Бақайдгирии низомҳои андозбандӣ ба мақомоти андоз имконият медиҳад, ки фаъолияти андозсупоранда вобаста ба низоми фаъолият дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Ҳамчунин, дар баробари пурра татбиқ гардидани модули мазкур аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дар барномаи компютерӣ имконияти дастрас намудани маълумот оид ба низомҳои имтиёзнок аз рӯи нозиротҳо ё низомҳои алоҳидаи он ба вуҷуд меояд.

Доир ба татбиқи амалии модули мазкур Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 13.06.2019, №262 “Оид ба татбиқи модули нави барномаи компютерии “Бақайдгирии андозсупорандагон вобаста ба низомҳои андозбандӣ” ба тасвиб расидааст. Тибқи талаботи фармоиши мазкур раванди бақайдгирии субъектҳои дар низомҳои андозбандӣ фаъолияткунанда бояд аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз то санаи 15 августи соли 2019 пурра ба анҷом расонида шавад. Вобаста ба татбиқи амалии модули мазкур 3 маротиба бо иштироки сардорон ва кормандони масъули мақомоти ҳудудии андоз семинар - машваратҳои омӯзишӣ ҳам гузаронида шудааст.

Хотиррасон мешавем, ки бақайдгирии субъектҳои дар низомҳои махсус ва имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда дар мақомоти ҳудудии андоз, тавре мушоҳида мешавад, суст ҷараён дорад. Бинобар ин, раёсатҳои дахлдори дастгоҳи маркази Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки бо мақсади татбиқи амалии модулҳои мазкур ва ҳамзамон бақайдгирии пурраи субъектҳои дар низомҳои андозбандӣ фаъолияткунанда ва таъмини иҷрои Фармоиши Кумитаи андоз дар ин самт чораҳои иловагӣ андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Польша снижает НДФЛ с 18% до 17%

**Благодаря этому каждый поляк будет получать больше примерно на 300 евро**

Правительство Польши одобрило проект закона, который снижает НДФЛ на 1%, пишет РБК со ссылкой на «Радио Польша».

С 1 октября 2019 г. в Польше НДФЛ уменьшится с 18% до 17%. По словам премьер-министра страны Матеуша Моравецкого, благодаря изменениям каждый поляк будет получать больше на 300 евро. Польский вице-премьер Яцек Сасин отметил, что деньги, которые были сэкономлены гражданами, могут улучшить качество жизни и будут положительно влиять на экономику Польши. По предварительным подсчетам, снижение налога принесет пользу 25 млн граждан страны.

«Лицо, получающее 2250 злотых (минимальная зарплата в Польше), будет получать за счет нововведения 472 злотых в год», - отмечается в коммюнике законопроекта. По оценкам Минфина республики, снижение НДФЛ будет стоить казне страны 9,6 млрд злотых в год.

http://taxpravo.ru



# Натиҷагирӣ

**Кормандони нозироти андоз дар ноҳияи Данғара ҷиҳати таъмин кардани иҷрои нақшаи ҳама гуна андозҳо дар нимсолаи якуми соли равон бо натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.**

Тавре сардори нозироти андози ноҳия Д. Хайруллозода зикр кард, дар шаш моҳи соли ҷорӣ нақшаи қисми даромади буҷет бо дарназардошти андозсупорандагони калон ва (бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба андозаи 109,7 фоиз таъмин гардид. Ба ҷойи 64377,7 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлатӣ 70640,9 ҳазор сомонӣ ворид шуд, ки нисбати нақша 6263,2 ҳазор сомонӣ ва нисбати маблағҳои воқеан дар ҳамин давраи соли гузашта ҷамъоваригардида 9606,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи андози иҷтимой аз ҳисоби ташкилотҳои буҷетӣ ба андозаи 100,4 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 9937,7 ҳазор сомонӣ ба буҷет маблағи 9977,4 ҳазор сомонӣ ворид шудааст. Аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия дар 314 нуқтаи савдо ва хизматрасонӣ 6 маротиба санҷишҳои амалиётӣ ба роҳ монда шуд.

Тибқи маълумоти дастрасгардида бақияи қарзи андоз дар ин ноҳия 8476,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар ин давра, бо мақсади кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз аз тарафи кормандони андози ноҳия семинар-машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуд, ки дар натиҷа, маблағи 254,4 ҳазор сомонӣ қарзи андоз кам гардид. Нисбати 117 андозсупорандаи қарздор аз ҳисоби суратҳисоб ба пули нақд ба маблағи 4324,7 ҳазор сомонӣ қарор қабул гардид, ки 84 қарор ба маблағи 2160,1 ҳазор сомонӣ пурра иҷро гардидааст.

Мақомоти андоз дар ноҳияи Данғара дар нимсолаи аввали соли равон дар фаъолияти 25 андозсупоранда ба маблағи 945, 5 ҳазор сомонӣ назорати камералӣ гузаронидаанд, ки дар натиҷа, маблағҳои иловагӣ ошкор гардида, аз ин ҳисоб маблағи 605 ҳазор сомонӣ пурра ба буҷети давлатӣ таъмин гардид.

# Қарз кам мегардад

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин иҷрои воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳоро дар нимсолаи якуми соли 2019 ба андозаи 103 фоиз иҷро карданд. Ба ҷойи 4247811 сомонӣ ба буҷети давлатӣ 4359366 сомонӣ маблағ ворид намуданд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 111 ҳазору 555 сомонӣ зиёд мебошад.**



Тавре аз мақомоти андози ноҳия иттилоъ доданд, дар ин давра нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 102 фоиз иҷро гардидааст. Ба ҷойи 1153636 сомонӣ ба буҷет 1186134 сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 32 ҳазору 498 сомонӣ зиёд аст. Тибқи маълумоти дастрастгардида феълан дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин 2860 андозсупоранда ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, ки аз он 345 шахси ҳуқуқӣ, 48 соҳибкори бо шаҳодатнома фаъолияткунанда, 2271 хоҷагии деҳқонӣ ва 196 соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда мебошад.

Бақияпулиҳои қарзи андоз яке аз мушкилоти соҳа ба шумор рафта, кормандони андозро ба ташвиш овардааст. Бо мақсади кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз дар шаш моҳи соли ҷорӣ аз тарафи кормандони андози ноҳия миёни андозсупорандагон як қатор корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинар - машваратҳо ба роҳ монда шуд. Бақияпулиҳои қарзи андоз ба ҳолати 01.01.2019 дар ноҳия 3 млн. 608 ҳазору 290 сомониро ташкил медод. Ин шумора ба санаи 01.07.2019 ба 3 млн. 454 ҳазору 290 сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба аввали сол ба маблағи 154000 сомонӣ кам гардид. Бо мақсади чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз аз тарафи кормандони андози ноҳия 501 огоҳинома ба андозсупорандагони қарздор равон гардид. Дар ин давра 13 қарор ба маблағи 223000 сомонӣ қабул гардидааст, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 219000 сомонӣ ворид шудааст.

Мақомоти андози ноҳия дар шаш моҳи соли равон нисбати 44 андозсупоранда протоколҳои маъмурӣ ба маблағи 22 ҳазору 729 сомонӣ тартиб ёфта, аз ин ҳисоб ба буҷет 16 ҳазору 857 сомонӣ таъмин гардидааст. Кормандони нозироти андози ноҳия дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 33 хоҷагии деҳқонӣ, 2 соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 1 шахси ҳуқуқӣ ва 20 соҳибкори тибқи патент амалкунандаро ба қайди давлатӣ гирифтанд. Ҳамчунин, дар фаъолияти 14 андозсупоранда назорати камералӣ гузарониданд, ки дар натиҷа 23 ҳазору 973 сомонӣ маблағҳоро ошкор карданд.

Инчунин, дар фаъолияти 2 андозсупоранда ба маблағи 4000 сомонӣ хариди назоратӣ гузаронида, маблағи зикршударо пурра ба буҷети давлатӣ таъмин намуданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, шаҳри Кӯлоб**

# Таъмини соҳибкорон бо МНХ

**Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ дар нимсолаи якуми соли 2019-ум 36 адад мошини назоратӣ - хазинавии дорои ТИЭ-ро дар фаъолияти андозсупорандагон таъмин намуданд.**



Тавре аз нозироти андози ноҳия иттилоъ доданд, дар 6 моҳи соли ҷорӣ дар фаъолияти 36 нуқтаи савдо ва хизматрасониҳои ноҳия МНХ-и дорои ТИЭ насб гардид, ки 100 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад. Бояд ёдовар шуд, ки ҳарчанд дар ноҳияи Восеъ дар фаъолияти андозсупорандагон МНХ - дорои ТИЭ ба таври бояду шояд таъмин гардида бошад ҳам, мутаассифона, аз ҷониби баъзе андозсупорандагон ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ ба назар мерасад. Кормандони нозироти андози ноҳия дар ин давра барои ба таври дуруст истифода накардани МНХ-и дорои ТИЭ 8 андозсупорандаро бо моддаҳои 614 - 616 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 17,5 ҳазор сомонӣ ҷарима намуданд, ки аз маблағи зикршуда 6,6 ҳазор сомониаш пурра ба буҷет таъмин шудааст.

**Р. ИСЛОМ, шаҳри Кӯлоб**

## НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Афзоиши истеҳсолот

Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода 2 августи соли равон дар нишасти матбуотӣ зикр кард, ки дар нимсолаи якуми соли 2019 корхонаҳои саноатӣ якҷо бо соҳибкорони хусусӣ ба маблағи 11923,3 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки ин маблағ дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12,5 фоиз афзудааст.

Қайд гардид, ки омили асосии рушди босуръати соҳаи саноат, асосан, аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноати коркард (12,4 фоиз), саноати истихроҷи маъдан (9,0 фоиз), таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво (10,4 фоиз), таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастраси коркарди дуюмдараҷа (22,0) ба амал омадааст.

Дар саноати истихроҷи маъдан дар шаш моҳи соли 2019 ба маблағи 2150,2 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 9,0 фоиз афзудааст.

Г.Ҳасанзода иброз дошт, ки афзоиши рушди саноати истихроҷи маъдан аз рӯи намудҳои маҳсулоти истеҳсолӣ нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда аз ҳисоби истихроҷи ангиштсанг ва бур 8,4 фоиз, нафти хом ва гази табиӣ 4,8 фоиз, маъданҳои филизӣ 8,5 фоиз ва ҳар гуна канданиҳои фоиданок 36,0 фоиз мушоҳида мегардад.

**Тоҳир ЗИКРУЛЛОЗОДА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Британцев восхитило российское налогообложение

**Российская система налогообложения «стоит на передовой», поскольку использует данные в режиме реального времени для борьбы с мошенничеством и уклонением от налогов. Об этом порассуждал журналист Financial Times Крис Джайлс.**

Он пояснил, что российская Федеральная налоговая служба (ФНС) использует современные технологии, благодаря чему разница между планируемыми и реальными доходами от НДС снизилась до одного процента после внедрения новой системы.

С помощью искусственного интеллекта служба может вычислить компании, которые уклоняются от уплаты налогов, и отследить чиновников, у которых чаще всего наблюдаются недоимки по компаниям.

«Это будущее налоговой службы — цифровое, в режиме реального времени и никаких деклараций. В течение каких-то 90 секунд власти получают отчеты о каждой сделке в России — от Санкт-Петербургадо Владивостока», — рассказал о своих наблюдениях редактор.

По словам Джайлса, налоговая система России отлично работает, поскольку соблюдение правил избавляет от разбирательств с налоговой. Он отметил, что новая система ФНС сфокусирована на обеспечении выплат НДС розничным торговцам — самом прибыльном налоге для государства.

В развитых странах налог на добавленную стоимость обеспечивает более трех триллионов долларов бюджетных доходов, заключил журналист.

**https://news.mail.ru**

# Падидаи ифротгароӣ миёни ҷавонон: омил ва сабабҳо

Аслан ифротгароӣ худ яке аз падидаҳои номатлуб аст, ки тамоми ҷаҳонро ба такон овардааст ва ин падидаи номатлуб на танҳо барои кишварҳои алоҳида ё минтақаҳои муайян, балки барои тамоми сайёра ва ҷомеаи осоишта хатари бузург дорад. Дар ҷаҳони имрӯза якчанд созмону ҳаракатҳои характери ифротиву террористидошта, фаъолият менамоянд, ки аз ҳама даҳшатбортарини онҳо ин созмони террористии ба ном «Давлати исломӣ», ҳаракати «Ҳизб-ут-Таҳрир» ҳаракати «Салафия» ва ТЭТ ҲНИ мебошад, ки хусусияти ифротии диниро ба худ касб намудаанд.

Ифротгароӣ ба маънии дигар ғайриқонунӣ бесубот намудани ҷомеа ва сарнагун кардани давлат ба ҳисоб меравад. Заминаҳо ва омилҳои ба вуҷудоии ифротгароӣ гуногун буда, баъзан онҳо дар дохили як кишвари муайян зуҳур мекунанд ва гоҳе барои ривоҷи онҳо аз хориҷ дастгирии молиявӣ пайдо мекунанд. Ифротгароӣ вобаста аз хусусиёташ навъҳо ва шеваҳои гуногунгунро доро буда, дар робита ба Шарқи Наздику Миёна ифротгароии динӣ ва маҳзабӣ бештар ба назар мерасад.

Мавриди ёдоварист, ки экстремизми динӣ дар доираи ислом низ мавҷуд буда, ҳар ҷое, ки он пайдо гардад, дар назди худ танҳо як мақсад мегузорад, бунёди давлати «Хилофат». Тибқи нақшаи пешакии таъсиси «Хилофат» аз ҷониби созмони даҳшатангези ба ном «Давлати исломӣ», аслан бар зидди кишварҳои низоми дунявӣ ва демократӣ равона гардидаву онҳоро бо роҳи зурӣ тобеи «Хилофат»-и худ намуданист. Ногуфта намонад, ки барои анҷом додани амалҳои носолими худ ба ин гуруҳи даҳшатангез нерӯи ҷавон лозим меояд, маҳз ба ҳамин хотир онҳо ҷавононро бо ҳар роҳу восита ба доми худ меафкананд.

Мутаассифона, имрӯзҳо низ бархе аз ҷавонони ноогоҳ ва гумроҳи мо ба якчанд амалҳои номатлуб, ба монанди ифротгароӣ ва хусумати мазҳабиро пайравӣ намуда, бо даъвати ашхоси иғвогару ҷиноятпеша барои иштирок дар муқовиматҳои мазҳабӣ мехоҳанд ширкат варзанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳодисаи санаи 7-ум майи соли 2019 ба амал омада, яъне дар додгоҳи шаҳри Душанбе ва маҳкама кашидани як гурӯҳи дувоздаҳ нафараи муҳоҷирони кории тоҷик исбот намуд, ки то кунун чунин раванди муқобил ба амният ва манфиатҳои миллии Тоҷикистон миёни бархе аз ҷавонони гумроҳи мо бадбахтона ба назар мерасад.

Аслан, омилҳо ва сабабҳои шомилшавии ҷавонон ба ҳаракату созмонҳои ифротӣ, ин муҳоҷирати меҳнатӣ, омилҳои динӣ, коста гардидани вазъи иқтисодӣ, бекорӣ, муҳити носолими оилавӣ, пайдо накардани мавқеи худ дар ҷамъият, фирефтаи дастгоҳҳои таблиғи ифротӣ, содир намудани ҷиноят ва фирор аз адои ҷазо мебошанд. Аз мушоҳидаҳо маълум аст, ки вақтҳои охир нисбат ба солҳои пеш пайвастшавии ҷавонон ба созмонҳои ифротиву террористӣ кам гардидааст.

Қобили қайд аст, ки чунин кирдорҳои ҷиноятпеша зидди амният ва манфиатҳои миллии мо буда, ҳимоя ва ё пешгирии он имрӯзҳо хусусияти умумимиллӣ пайдо кардааст.

Тавре қайд гардид, омилҳои асосии гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ бештар ба раванди танзимнашудаи муҳоҷирати меҳанатӣ ва фаҳмиши нодурусти моҳияти дин вобаста мебошад. Дар бештари маврид онҳоро аз рӯйи надоштани саводнокии динӣ фиреб мекунанд. Дар умум, сабабу омилҳои ҳамаи ин иллатҳо аз тарбияи нодуруст намудани ҷавон вобаста мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки навобаста аз тадбирҳои муассири дар самти мубориза бо ифротгароӣ андешидашуда, ҳоло низ бетарафӣ миёни сокинон ва мушоҳида мерасад ва норасоии мутахассисони соҳаи педагогика ва равоншиносӣ низ як навъ мушкилиро дар роҳи муборизаҳои ҳамешагӣ ва муттасил эҷод мекунад. Тибқи сарчашмаҳо, имрӯзҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ чунин мушкилоти усули дар мубориза алайҳи ифротгароӣ мавҷуданд, ки роҳи ҳалли худро тақозо доранд:

Якум, норасоии мутахассисони соҳаи педагогика ва равоншиносӣ имрӯзҳо ба таври ҷиддӣ миёни шаҳрвандони кишвар ба назар мерасад, ки ҳалли ин масъала баҳри бароварда кардани эҳтиёҷи онҳо ниҳоят муҳим мебошад. Зеро яке аз роҳҳои дигари пешгирӣ ва паст намудани сатҳи ифротгароӣ ин таъсиси марказҳои машваратӣ барои шаҳрвандон дар кишвар буда, таҳлилҳо муайян намудааст, сокинон бештар ба хизматрасониҳои ҳуқуқиву равонӣ (психологӣ) ниёз доранд;

Дуюм, таваҷҷуҳи махсус равона намудан ба тарбияи кӯдакону наврасон дар мактаб ва оила. Аксари мушкилоти имрӯзаи ҷомеа аз нокифоя будани тарбия сар мезанад. Асри иттилоот ва ҷаҳонишавӣ иқдомҳои комилан дигар ва муосирро дар тарбияи наврасон рӯйи даст гирифтанро талаб мекунад. Мутахассисони соҳаи педагогика ва равоншиносонро зарур аст, ки чунин усулро таҳия кунанд. Дар самти педагогика ва равоншиносӣ омухтани таҷрибаи кишварҳои пешрафта аз аҳамият холӣ нест;

Сеюм, ҳангоми гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби масъулин таваҷҷуҳи махсус ба худи ҳозирин равона карда шавад, то дар он шахсони «осебпазир» низ ҳузур дошта бошанд. Аксар ҳолат фаъолон ҷамъ мешаванд, ки барои онҳо ин масъала актуалӣ нест. Кушиш ба харҷ дода шавад, ки дохили толор «нав» карда шавад. Аз назари илми равоншиносӣ ба назар гирифтани вижагии иштирокчиён низ аз аҳамият холӣ нест, зеро кори маърифатӣ нишонрас мешавад;

Чорум, идома додани иқдомҳо дар самти рушди ҳунарҳои миллӣ ва умуман ҳунармандӣ низ аз аҳамият холӣ нест, зеро ҷавононро бо шуғл таъмин намудан, мутамарказии зеҳниро ба вуҷуд меорад ва бештар амалгаро мекунад. Ҳунарманд нони худро меёбад. Ба ҳайси «неруи нарм»-и ватанӣ дар дарозмуддат метавонад баромад кунад. Дар ин самт рушди варзиши «шоҳмот» низ муҳим буда, зеҳнияти ҷавонону наврасонро қавӣ карда, барои ташаккули қишри зиёии техникӣ низ мусоидат мекунад ва аз ҳама муҳим барои ташаккули имиҷи мусбати Тоҷикистон дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон таъсири нек мерасонад.

Панҷум, барои боло бурдани эътимоди шаҳрвандон нисбат ба мақомоти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳое, ки ТВ ё радиои маҳаллӣ доранд, мулоқоти мустақими раисони шаҳру ноҳияҳо гузаронида шавад. Ин имкон медиҳад, ки шаҳрвандон мушкилоти худро гӯянд ва роҳҳои ҳалли он ҷустуҷӯ шавад. Аз чунин маърака ки қадами ҷиддии политтехнологӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Шашум, яке аз роҳҳои дигари пешгирии ифротгароӣ ва паст намудани сатҳи он таъсири ҷонибҳои манфиатдор ба афкори ҷамъиятӣ ниҳоят муҳим аст. Бинобар ин, лозим аст, ки иқдомҳои амалӣ барои таъмини адолати иҷтимоӣ дар кишвар роҳандозӣ карда шавад.

Хулоса, дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир баҳри ҳифзи манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ назди ҷавонон вазифаҳое истодаанд, ки иҷрои онҳо баҳри таҳкими истиқлолият ва бақои давлату миллат аҳмияти бузургеро доро мебошанд. Бахусус, аз даст надодани зиракии сиёсӣ зарур аст, ки аз ҷониби Асосгзори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мегардад. Барои насли ҷавон ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, боло гузоштани арзишҳои миллӣ аз ҳама гуна манфиатҳои шахсӣ бояд нуктаи меҳварӣ бошад.

**Мулломухтор МУЛЛОЕВ**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ОҒОЗ ЁФТ

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## ЭЪЛОН

### МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

### БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Таъмини қисми даромади буҷет

**Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор зимни нишасти матбуотӣ, ки 2 августи соли 2019 баргузор шуд, қайд намуд, ки дар моҳҳои январ-июни соли 2019 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 31 270,9 млн. сомонӣ ва суръати афзоиши он ба 7,5 фоиз баробар гардид.**

Номбурда гуфт, ки рушди иқтисоди кишвар дар ин давра, асосан, аз ҳисоби 12,5 фоиз зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 10,8 фоиз соҳаи кишоварзӣ, 9,4 фоиз гардиши савдо, аз ҷумла гардиши моли чакана 9,6 фоиз таъмин шудааст.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи вазири молияи кишвар дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ба 2 136,9 млн. доллари ИМА баробар гардидааст, ки дар қиёс бо ҳамин давраи соли гузашта 77,9 млн. доллари ИМА ё 3,8 фоиз зиёд мебошад. Аз ҷумҳурӣ ба маблағи 570,6 млн. доллари амрикоӣ молу маҳсулот содирот шудааст ва ҳиссаи он дар гардиши савдои хориҷӣ 26,7 фоизро ташкил менамояд.

Дар нишаст, ҳамчунин, зикр шуд, ки ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатӣ бо дарназардошти маблағҳои барои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ҷалбшуда ва маблағҳои махсуси муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ба 10,9 млрд. сомонӣ баробар гардида, иҷрои нақшаи нишондиҳандаҳои мазкур ба андозаи 100,4 фоиз таъмин шудааст. Воридоти он нисбат ба нақша 48,8 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 555,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҳисоби даромадҳои дохилӣ ба Буҷети давлатӣ 5,5 млрд. сомонӣ ва аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ ба Буҷети давлатӣ 2,5 млрд. сомонӣ ворид гардидааст.

Дар охир масъулони Вазорати молияи кишвар ба суолҳои рӯзноманигорон посух доданд.

# Ҷалби сармояи хориҷӣ

**Маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар Тоҷикистон ба ҳолати 1 июли соли 2019 бо дарназардошти ба анҷом расидани татбиқи якчанд лоиҳаҳо ва оғоз гардидани лоиҳаҳои нав аз 70 адад иборат мебошад, ки маблағи умумии онҳо 31,8 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Ин нуктаро раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Ҳамрализода зимни нишастӣ матбуотӣ қайд намуд.**

Номбурда иттилоъ дод, ки тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1-уми июли соли 2019 дар ҷумҳурӣ 322979 адад субъекти соҳибкории фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса ба шаш моҳи соли 2018-ум 11 386 адад ва ё 3,5 фоиз зиёд мебошад.

Аз ҷониби Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз оғози фаъолият то имрӯз ба 175 субъекти соҳибкорӣ ба маблағи 248,6 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзноки давлатӣ дода шудаанд.

Гуфта шуд, ки равандиислоҳот ва тадбирҳои андешидашуда дар самти ҷалби сармоя ба иқтисодиёти миллӣ дар давраи ҳисоботӣ имкон дод, ки 5 созишномаи сармоягузорӣ ба имзо расонида шуда, 3 адади дигар таҳия ва тибқи тартиби муқаррараргардида барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод ирсол гардид. Дар доираи созишномаҳои сармоягузории номбаршуда 7 корхонаи нави истеҳсолӣ бунёд ва барои амалигардонии онҳо наздики 200 млн. доллар сармояи ватанию хориҷӣ ҷалб карда мешавад.

Айни замон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ корбариро идома дода истодааст, ки дар мавриди мувофиқа ва тасдиқ гардидани онҳо боз 100 млн. доллар сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ дар солҳои минбаъда ҷалб карда хоҳад шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки тибқи нақша дар соли 2019 аз ҷониби мақомоти санҷишӣ, дар маҷмӯъ, 48018 санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2018-ум 7259 санҷиш ё 13,1 фоиз кам мебошад.

Дар охир, рӯзноманигорон ба суолҳои худ посух гирифтанд.

**М. ҶУМЪА**

## ЭЪЛОН

### СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқаррargardida ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ Намояндагии ҶДММ ТАКХ «ФИНКА» (РМА 640007671) дар шаҳри Бустон барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Фитрат» (РМА 030009450) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Шохис пажуишгоҳи Душанбе» (РЯМ 0210024522) воқеъ дар ноҳияи И.Сомонӣ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Ҳотамиён» (РЯМ 0410023882) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешавад.

■ ҶДММ «Нури Умед» (РЯМ 7210001398) воқеъ дар ноҳияи Рӯшон, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Биҷле Тоҷ» (РЯМ 0710008998) воқеъ дар шаҳри Турсунзода, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Мошини назоратӣ – хазинавии тамғаи Миника 1102 Ф №1020239, мутаалиқ ба соҳибкори инфиродӣ Тоҳиров Нуриддин (РЯМ 0331286872) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳрасти ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутааллиқ ба ҶДММ "Имом Машраб" (РЯМ 3710002056) аз ноҳияи Панҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гулҷамол Тайгуншоева (РЯМ 7430004487), аз ноҳияи Ишкошим, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Умурзоқова Мавлуда (РЯМ 0331278824), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Лайлоев Давлатназар (РЯМ 3230027295), аз ноҳияи Қубодиён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Фотима Бердыева (РЯМ 0331314766), аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шарипов Азизулло (РЯМ 1930074099), аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қодиров Баҳриддин (РЯМ 1830073933), аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мирзоҷонов Ҳокимшо (РЯМ 7230004568), аз ноҳияи Рӯшон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Усмонова Мамлакат (РЯМ 0730128722), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Давронов Адҳамҷон (РЯМ 0730102716), аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шифоев Зулфиқор (РЯМ 0630006933), аз шаҳри Роғун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Солиева Шафоат (РЯМ 6230008877), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома соҳибкори инфиродӣ Маллаев Ғайбулло (РЯМ 6210006972), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба КТ Х/Д "Истиқлоли Тоҷикистон" (РЯМ 6230039081), аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мамадова Робия (РЯМ 7030014778), аз шаҳри Хоруғ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 2. БАРҚАРОРШАВӢ (АНҶОМИ ҶАРАЁНИ) НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1995 – 1998)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Дар тӯли солҳои 1995 – 1998 дар ҷараёни ислоҳоти низоми андоз бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди давраи гузариш вазифаҳои мазкур зина ба зина ҳал карда мешуданд.

Бо мақсади пурзӯр намудани назорати андоз мувофиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (4 майи соли 1995, № 221) «Дар бораи ташкили Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазъи (статуси) мақомоти андоз тағйир ёфт. Барои таъмини қудратмандӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кормандони мақомоти андоз мувофиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (4 майи соли 1995, № 222) «Дар бораи пулиси андоз» дар ҳайати (таркиби) Кумитаи андоз шуъбаҳои пулиси андоз ташкил ёфтанд. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 1995, № 559 «Масъалаҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Низомнома, сохтор ва нақшаи (схемаи) идораи мақомоти андоз тасдиқ гардиданд. Дар таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти давлатии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 феврали соли 1996 вазифаҳо ва салоҳияти мақомоти андоз ба таври қонунӣ ба танзим дароварда шуданд.

Бо мақсади таъмини мақомоти андоз бо мутахассисони дараҷаи касбиашон баланд, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани дараҷаи касбии мутахассисони соҳаи андоз дар назди Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ ташкил гардид, ки донишҷӯён дар он мувофиқи шартнома бо супоридани маблағи муайян таҳсил мекарданд.

Соли 1997 Захираи (Фонди) рушд ва ҳавасмандгардонии мақомоти андоз бархам дода шуд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1997). Барои ҳавасмандгардонии мақомоти андоз вобаста ба ҳаҷми воридоти андоз ба буҷет, мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 1997, № 507 «Оид ба тартиби бо маблағ таъмин намудани мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳаҷми бо маблағ таъмин намудани мақомоти андоз (аз он ҷумла пулиси андоз) 3 % аз маблағи ба буҷет воридшуда аз ҳисоби андозҳои ситонида, санксияҳо, амволи ба ҳабс гирифтаи онҳо ва дигар даромадҳои давлатӣ таъин гардид. Ба Кумитаи андоз ҳуқуқ дода шуда буд, ки дар худуди ҳаҷми таъмини маблағ, сметаи хароҷотро тасдиқ намояд, тағйир бидиҳад, шумораи кормандон, захираи музди меҳнат ва дигар хароҷотро таъин намояд. Ҳамаи ин чораҳо барои ҳавасмандгардонии кормандони мақомоти андоз мусоидат менамуданд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



# Ҷарроҳи 7-сола

**Бовар намекунед, агар гӯем, ки Акрит Пран Ясвал дар 7-солагӣ бидуни маълумоти тиббӣ амали ҷарроҳӣ гузаронд ва ду ангушти пас аз сӯхтор ба ҳам часпидаи рафиқашро ҷудо кард.**

Табиби хурдакак фурсатро ғанимат дониста, ангуштони ба ҳам часпидаро бурид, поккорӣ ва доруву дармон кард, ки аз мушкилтарин бахшҳои ҷарроҳии муосир ба шумор меравад.

Акрит баъди чунин қаҳрамонӣ якбора машҳур шуд ва дар 12-солагӣ донишҷӯи донишгоҳи тиббӣ гардид. Баъди панҷ сол дараҷаи магистриро дар ин соҳа ба даст овард. Номбурда ихтисоси химиятерапияро интихоб карда, мехоҳад ба ҳазорон касони аз саратон ранҷдида ёрӣ расонад ва давои онро ёбад.

# Панди рӯзгор

**Як гурӯҳ шогирдон, ки аллакай, ҳар кадоме соҳибкасб буданд, ба аёдати устоди солхӯрдаашон омада, аз мушкилоти зиндагиву ноомади кор бо ишора шиква карданд.**

Пири рӯзгордида сӯи ошхона бадар рафту дар даст зарфи қаҳваҷӯшонӣ, рӯйи лаълӣ пиёлаҳои хархела: бенақшу пурнақш, булӯрию шишагӣ ва чинию пластикӣ баргашт ва ҳамаро ба нӯшидани қаҳва даъват кард. Вақте шогирдон ҳар кадоме барои худ пиёлае интихоб намуданд, устод як нигоҳи маънидоре давонду гуфт:

«Чизе, ки шумо мехостед, на пиёла, балки қаҳва буд. Аммо аз рӯи одат ҳама кӯшиш кардед, ки пиёлаҳои гаронарзишу зеботареро бигиред, ҳарчанд пиёла аз ду сар қаҳваро таъм намебахшад. Акнун як лаҳза тасаввур кунед, ки зиндагӣ қаҳва асту кору молу чизҳои дигар – пиёла, яъне василаи ҳаётгузаронӣ. Лекин баъзан дар интихоби пиёла чунон саргарм мешавем, ки таъми қаҳваро пай намебарем. Кӯшиш кунед, ки аз қаҳва лаззат баред, на аз пиёла!»

## ОЁ МЕДОНЕД?

Дар Корея сину соли кӯдакон аз замони дар батни модар будан ҳисоб карда мешавад.



Соли 1939 аввалин маротиба дар ИМА қарзи кредитӣ дода шудааст.

# Як умр донишҷӯ

**Гирифтани унвони илмӣ кори хеле мушкил мебошад. Барои ба даст овардани он баъзеҳо тамоми умр заҳмат мекашанд.**

Вале байни унвонҷӯён профессори ҳинд Партибан, ки дар чандин коллеҷи Ченай дарс мегӯяд, истисност. Ба ӯ дар муддати 30 сол даст додааст, ки 145 дипломи тасдиққунандаи дараҷаи таҳсилоти олиро соҳиб гардад. Ӯ, ҳамчунин, соҳиби дараҷаи илмӣ дар соҳаҳои гуногун аст. Чуноне ки худи профессори 50 - сола қайд мекунад, ӯ ҳамеша дар пайи мукаммал намудани илму дониши андӯхтаи хеш аст. «Сӣ соли охир ман танҳо ба тайёрии имтиҳонҳо бандам, ҳар рӯзи якшанбе имтиҳон дорам», - мегӯяд донишҷӯи абадӣ, ки бо ҳамин роҳ дипломи дуюм, сеюм, чорум... ва 145-уми худро соҳиб гаштааст.

# СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Одаме, ки ба такмили дигарон мусоидат намекунад, худ низ такмил намеёбад.

ххх

Касоне, ки моро меранҷонанд, азизонеанд, ки мо ҳамеша кӯшиш мекунем, то онҳоро наранҷонем.

ххх

Аз касе, ки дӯсташ медорӣ, осон даст накаш, шояд дигар ҳеҷ касро мисли ӯ дӯст надошта бошӣ ва аз касе ҳам, ки дӯстат медорад, бетафовут гузар макун, чун шояд ҳеҷ вақт, ҳеҷ кас мисли ӯ туро дӯст надорад.

ххх

Ҳиси ғуруру худбинӣ дар ҳама инсонҳо яксон аст, вале тафовуташ танҳо дар чигунагии зуҳури он аст.

ххх

Мардони комёб аксаран аз шикаст меваи пирӯзӣ чидаанд.

ххх

Ҳамеша саъй кун, бо касе дӯст шавӣ, ки дилаш бузург бошад, чун худатро барои вуруд ба қалбаш кучак накунӣ.

# Фоидаи себи сабз ба саломатии инсон



Тавре ба ҳамагон маълум аст, таркиби себ аз витаминҳои гуногун иборат буда, ҳатто дар марҳалаҳои гуногун метавонад бар зидди холатҳои ногувор мубориза барад. Организми одам ҳамарӯза ба 16 номгӯи витаминҳо ниёз дорад. Дар натиҷаи камбудии миқдори онҳо, махсусан, норасоии витамини С инсон хоболуд, ғазаболуд, бо сабаби норасоии витамини А, беморихои пай дар пай, ҳангоми норасоии туршии фолат паст шудани гемоглабин мушоҳида мешавад. Себи сабз ҳам барои калонсолон ва ҳам барои кӯдакон таъсири хуби якхела дорад. Бештар ин намуди себро ба миқдори 1-3 дона истифода кардан кифоя аст.

Дар муқоиса бо себи сурх, дар таркибаш миқдори қанд кам буда, витаминҳои зиёд, махсусан, гурӯҳи витаминҳои В, С, РР, К, ҳамчунин, оҳан, аминокислотаҳо, калсий ва қисми зиёди моддаҳое, ки ба инсон муфид аст, доро мебошад. Хосияти дигари себи сабз ин аст, ки бо ғизоҳои равғанӣ зуд омехта шуда, марҳалаи ҳазмнамоиро метезонад. Ба хотири он ки дар таркиби ин навъи себ қанд кам аст, ба беморони диабети қанд низ муфид аст. Табибони халқӣ хӯрдани себи сабзро барои нафароне, ки аз илтиҳоб ва захми меъда азият мекашанд, тавсия намедиҳанд. Ҳамчунин, ба онҳое, ки мушкилие бо талхадон доранд, таъсири манфӣ мерасонад.

Боҷу ХИРОҶ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Неъматулло ЗОИРЗОДА

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроғa: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 58 856**